

ТОҶИКИСТОН


№52 (1563)
27.12.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~



ПЕШГӮИҲОИ ЭКСТРАСЕНС:

СОЛИ 2024 АРЗОНӢ НЕ, ФАРОВОНӢ МЕШАВАД!





ДАР ИН ШУМОРА:

РУСТАМ ЯТИМОВ
Гаронарзиштарин дарвозабони Осиёи Марказӣ
с.2

СУҲБАТИ СОЛИНАВӢ
Тоҷик номи ИМА-ро иваз мекунад?
с.8

ГАРОНСОЛ
Соли 2024 моро чӣ интизор аст?
с. 3

СОЛИ НАВ
Чаро яҳудиён ва мусалмонон онро дӯст намедоранд?
с. 4

МАВЛУДИ ИСО Ё МИТРО
Оё арчаи солинавӣ моли тоҷикон аст?
с. 7

БОЗЁФТ
Хонаи Саъдии Шерозӣ пайдо шуд
с. 11

ТОП 10
Варзишгари сол. Кистанд онҳо?
с. 10

КАНЗИ ШИФО
Нафси хешро лаҷом занед!
с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11



РОҲБАРОНИ ИДМ ДАР РУСИЯ

Аз натиҷаи иштироки Эмомалӣ Раҳмон то даъвати Путин

26-уми декабр дар шаҳри Санкт-Петербурги Русия нишасти ғайрирасмии сарони давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор гардид, ки дар он Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон иштирок кард. Дар ҷараёни ин нишаст раҳбарони кишварҳои ҳамсуд ҳолати ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориро дар қолаби ИДМ мавриди баррасӣ қарор доданд.



Ба иттилои дафтари матбуоти Президенти кишвар, дар ин нишаст масоили таҳкими муколамаи сиёсӣ дар чорчӯби Иттиҳод, ҳамчунин рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни давлатҳои иштирокчӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва амният ба ҳайси вазифаҳои рӯзмарра муайян гардиданд.

Ҳамзамон бо ин мубодилаи афкор атрофи доираи васеи масъалаҳои мубрами дорои аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ анҷом дода шуд.

Дар ҳамин ҳол, сухангӯи президенти Русия Дмитрий Песков нишасти ғайрирасмии сарони ИДМ дар Санкт-Петербургро муваффақ номидааст. Ба гуфтаи вай, дар ҷараёни нишасти ғайрирасмии сарони ИДМ дар Санкт-Петербург раҳбарони давлатҳо тавонистанд мавзуҳои мубрамро баррасӣ намоянд.

"Ин бешубҳа муваффақият аст, зеро имкони муоширати оддӣ, аз ҷумла дар фазои ғайрирасмӣ, барои сарони кишварҳои ИДМ хеле муҳим аст, ин муошират аст ва он танҳо бо мавзӯи идонаи Сол нав маҳдуд нест. Ин дар ҳақиқат як баҳси масъалаҳои корӣ аст, бигзор дар як ҳолати саросемагӣ, аммо дар ин нишаст доҷтарин мавзуҳо баррасӣ шуданд. Илова бар ин, ҳама бояд якҷоя ҳамоҳанг созанд ва масъалаҳои мубрами рӯзи байналмилалӣ, минтақавӣ, оид ба масъалаҳои минбаъдаи рушди ҳамкорӣ баррасӣ гардиданд",- гуфт Песков дар мусоҳиба бо "Известия".

Ба гузориши расонаҳои русӣ, дар ин нишаст президенти Русия Владимир Путин таъкид кардааст, ки соли 2023 барои ИДМ соли фавқулода фаъол ва пурбор буд. Зеро табодули молу коло миёни кишварҳои ИДМ дар 10 моҳи ахир 2% афзоиш ёфта, 83,7 миллиард долларро ташкил додааст.

Президенти Русия аҳамияти нигоҳдорӣ ва таҳкими равобити кишварҳои муштаракулманофеъро таъкид карда, гуфтааст, дар соли оянда, ки раёсат дар ИДМ ба зиммаи ин кишвар мегузарад, самтҳои асосии ҳамкорӣ таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи пули миллӣ ва густариши робитаҳои дӯстона хоҳад буд.

Путин роҳбарони кишварҳои ИДМ-ро ба ифтитоҳи Бозиҳои оянда дар Қазон дар соли 2024 ва ҷашнвораи ҷавонону донишҷӯён дар Сочӣ даъват кард.

САРИ САБЗ



Ҷӯрабек МУРОДОВ,
Ҳунарпешаи халқии СССР

- Шералӣ ҳунарманди асил ва инсони наҷиб буд. Бузурге гуфтааст, "вақте ҳунарманди асил мемирад, ба халқ алам мекунад". Нагуфтааст, ки халқ афсӯс мехӯрад, таъкид мекунам, гуфтааст, "алам мекунад". Марги Шералӣ алами ду халқро ба вуҷуд овард.

- Дар ҳамин давру замон ҳама кӯшишу талош карда истодаанд, ки бо кадом роҳе набошад, пайсае ба даст овардаву рӯзгарашонро гуворотар созанд. Халқ аз куҷо барои афсӯс хӯрдану алам кардан вақт меёбад...



Бадриддин ГУЛЯЕВ,
мутахассиси фанноварихои иттилоотӣ

- Дар як рӯз, ба гумонам, ба сӣ ё чил дорухона сар задам. Худ ба худ фикр мекардам, кош чизе дар шакли таҷҳизоти зеҳнӣ бошаду ҳоло макони доруҳоро ба ман ёфта диҳад. Ҳамон лаҳза ба андешаам ғояи таъсиси феҳристи ягонаи доруҳо пайдо шуд.

- Акнун ки феҳристи ягонаи доруҳо таъсис ёфт, бе ягон мушкилӣ онҳоро меёбед? Ва агар ёбед, нархашон чӣ гуна аст? Боз нашавад, ки болои сӯхта намакоб бошад?



Анисаи АЗИЗ,
сарояндаи эстрадаи тоҷик

- Ман ба фикре ҳастам, ки соҳаи моро интихоб кардан мумкин нест, балки ин соҳа худаш барҳеҳоро интихоб мекунад ва дар худ нигоҳ медорад. Шукр, ман яке аз чунинҳоям, ки ба овозхонӣ аз хурдсолиам дил бастам ва бо вуҷуди мушкилоти зиёд дар ин роҳ қадам монда истодаам.

- Офаринатон, ба дилбастагии шумо гап нест. Аммо, наход тасодуфиҳоеро, ки ҳоло ҳам нигоҳ дошта шудаанд, худи соҳаи шумо интихоб карда бошад!?

ГАРОНСОЛ

Соли 2024 моро чӣ интизор аст?

Ҳамагӣ пас аз чанд рӯз бо Соли куҳан хайрбод мегӯем ва Соли навро истиқбол мегирем. Як соли гузаштаро ҳар кас ба таври худ таҳлил мекунад. Яке аз дастовардҳои худ қаноатманд асту дигаре бохт дидааст. Гурӯҳе афсӯс мехӯранд, ки як солро барабас паси сар кардаву чизе ба даст наоварданд. Яъне, ҳар кас ба таври худ як соли гузаштаро ба таҳлил мекашаду ғӯтта ба фикр мезанад. Аммо, ин ҳамаро яксӯ гузорем, дар соли 2023 чӣ бештар дар хотири мардум нақш баст? Соли 2024 чиро интизорем?



Газ як баробар қиммат шуд

Арзиши маҳсулот, хизматрасонӣ, музди меҳнат ва он чӣ иртибот ба масоили иҷтимоӣ дорад, ҳамеша барои мардум ҷолиб аст. Ин масоил ҳамеша зери таваҷҷуҳи омма қарор мегирад. Мавзӯи болоравии нархи сӯзишворӣ дар соли 2023 бештар таваҷҷуҳи мардумро ҷалб кард. Зеро нархи газ якбора гарон шуд. Ин раванд таъсир ба бозор расонид ва нархи маҳсулоти ниёзи аввал ҳам майли болоравӣ кард.

Бубинед, гази моеъ аввали моҳи август аз 4 сомонӣ бештар набуд. Дар моҳҳои октябр - ноябр нархи як литри ин навъи сӯзишворӣ аз 7,7 то 8,2 сомонӣ ва дар минтақаҳои дурдаст то 9 сомонӣ боло рафт. Дар баробари гази моеъ бензин ва дизел ҳам гарон шуд.

Бардорад, зам кун…

Дар пайи болоравии нархи сӯзишворӣ, таксиҳои ба қавле “5-сомонӣ”-и Душанбе роҳкирои таксиҳои дохилишаҳриро ба 10 сомонӣ гарон карданд. Ҳамчунин, арзиши роҳкирои таксиҳои берун аз пойтахт ҳам боло рафт.

Аз 2-юми ноябри соли 2023 роҳкирои воситаҳои хизматрасонии ҷамъиятии хатсайрҳои шаҳри Хоруғ аз 2 сомонӣ ба 2,5 сомонӣ ва нархи хизматрасонии автобусҳо аз 1,5 сомонӣ ба 2 сомонӣ бардошта шуд. Дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои гирду атрофи он бошад, бо сабаби якбора боло рафтани нархи сӯзишворӣ ҳаракати автобусҳо муддате манъ шуд.

Истеҳсол ватанӣ, нарх осмонӣ

Соли равон бо вуҷуди ҳосили фаровон дар Тоҷикистон нархи мева боло рафт. Ҳоло дар арафаи Соли нав ба бозорҳо ворид шавед, рангро бинеду ҳол пурсед. Нарх дар растаҳои фурӯши меваву сабзавот то дигар анвои ниёзи аввал ба осмон дакка хӯрдааст. Хайрият, бо ташаббуси мақомоти шаҳри Душанбе дар чанд гӯшаи шаҳр якрмаркаи фурӯши маҳсулот ташкил шуду андак ҳам бошад, нарх нисбат ба дохили бозор арзону мардум имкони харид пайдо мекунанд. Вале ин ҳам доимӣ нест-ку!

Аҷиб, Вазорати кишоварзии Тоҷикистон аз ҳосили бештари маҳсулоти кишоварзӣ хабар медиҳаду нарх бошад, ҳамоно боиси нигаронии харидор. Хайр, бало ба сари ангур, ки сардӣ заду як килои он имрӯз 30-40 сомонӣ. Аммо ба пиёзу картошка ва зелен чӣ шуд? Содирот?

Бино ба маълумоти оморӣ, соли равон содироти мева аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маротиб афзудааст. Масалан, то моҳи октябр содирот 358,5 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Аз ин ангур 74,6 ҳазор тонна мебошад.

Хона ҳам қиммат шуд

Имсол нархи манзили истиқоматӣ ҳам гарон шуд. Тавре мушоҳида кардем, 1 квадрати хона, ки 1 сол қабл 350 то 550 доллар арзиш дошт, ҳоло қариб 30 фоиз гарон шудааст. Ширкатҳои сохтмонӣ сабаби инро ба боло рафтани нархи арматура ва дигар маҳсулоти сохтмонӣ вобаста медонанд.

Соли 2024 моро чӣ интизор аст?

Хабари охироне, ки боиси ташвиши мардум шуд, болоравии қимати истифодаи барқ аст. Шуруъ аз 1-уми январи соли 2024 ба андозаи 16 фоиз ҳаққи истифодаи неруи барқ зиёд мешавад. Нархи тарофаҳои истифодаи барқ аз 26,51 дирам барои 1 киловатт-соат то 30,75 дирам меафзояд. Тарифҳои истифодаи неруи барқ барои тамоми истифодабарандагон, аз ҷумла сокинон 16 дарсад зиёд мешавад.

Дар соли пешомад ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дар ин баробар андозҳо, боҷҳо, ҷаримаҳо ҳам боло меравад.

Тибқи қонуни қабулшуда дар бораи “Буҷети давлатӣ барои соли 2024” ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Тоҷикистон аз аввали соли оянда боло хоҳад рафт. Он аз 68 сомонӣ ба 6,88% ё худ 4 сомонӣ афзоиш ёфта, ба 72 сомонӣ баробар мешавад.

Бо ҷорӣ шудани нишондиҳандаи нав барои ҳисобҳо ҳаҷми андозҳо, боҷҳо, ҷаримаҳо, пардохтҳои ҳатмӣ, кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳо мутаносибан тағйир меёбанд.

PRESSA.TJ

Хабари охироне, ки боиси ташвиши мардум шуд, болоравии қимати истифодаи барқ аст. Шуруъ аз 1-уми январи соли 2024 ба андозаи 16 фоиз ҳаққи истифодаи неруи барқ зиёд мешавад.

Аз ҷумла, ҳаҷми пардохти хидмати алтернативии ҳарбӣ низ тағйир хоҳад ёфт. Пардохт барои чунин навъи хизмат тибқи тағйироте, ки аз 31-уми июли соли 2023 ворид шуда буд, ба андозаи 750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (51 ҳазор сомонӣ) баробар гардид. То ин замон 420 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (28560 сомонӣ)-ро ташкил медод.

Ин тағйирот аз 1-уми сентябри соли 2023 эътибор пайдо кард.

Мутаносибан, бо тағйири нишондиҳанда арзиши хидмати алтернативии ҳарбӣ аз 51 ҳазор сомонӣ то 54 ҳазор сомонӣ афзоиш хоҳад ёфт. Аслан, арзиши нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти дараҷаи бекурбшавӣ барои соли дахлдор муайян карда мешавад.

Бо маош харочоти худро мепӯшонед?

Ҳаҷми маошу нафақа низ дар соли 2023 боло рафт. Аммо то кучо он барои таъмини рӯзгор кифоят мекунад, инро маошгири давлатӣ хуб медонад. Масалан, аз 1-уми июли соли 2023 маоши кормандони соҳаҳои тандурустӣ, илму маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳои донишҷӯён ва ҳаҷми нафақаи заминавӣ 20 дарсад зиёд карда шуд.

Қаблан, аз 1-уми марти соли 2023 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот ба андозаи 20 фоиз баланд шуда буд.

Бино ба иттилои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон, ба ҳолати 1-уми июни соли 2023 музди миёнаи меҳнат дар кишвар 1907,2 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта ин нишондод 260 сомонӣ ё 15,7 фоиз зиёд шудааст. Инчунин, музди ҳадди ақали меҳнат ба 600 сомонӣ баробар шудааст.

Ба иттилои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Тоҷикистон, камтарин ҳаҷми нафақа дар кишвар ба 150 сомонӣ баробар аст.

Ҳаҷми миёнаи нафақа 375 сомониро ташкил медиҳад, ки соли гузашта ба 332 сомонӣ баробар буд.

Аммо оё бо ин маошу нафақа сокинони Тоҷикистон харочоти худро мепӯшонанд?

Умед дорем, ки дар соли 2024 ин ҳама мушкилоти иҷтимоӣ рафъ мешаванду ҷайби мардум ҳамеша пур аз пайса...

У. РАҲИМЗОДА

БОР БА ТОҶИКИСТОН $40 МЛН ГРАНТ МЕДИҲАД

Байни Тоҷикистон ва Бонки Осиёии рушд созишномаи грантӣ ба имзо расид. Ин созишнома лоиҳаи «Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика» аст, ки маблағи умумии он 40 млн долларро ташкил медиҳад.

Созишномаро вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва Намояндаи доимии Бонки Осиёии рушд дар Тоҷикистон хонум Шенни Кемпбелл ба имзо расониданд.

Лоиҳа соли 2024 оғоз ёфта, он соли 2030 анҷом меёбад ва пурра аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Осиёии рушд маблағгузорӣ мешавад.

“Ҳадафи лоиҳа муҳайё намудани заминаи сармояи инсонӣ барои дастгирии гузариши Тоҷикистон ба ҳосилнокии баланди меҳнат, фаъолсозии малакаҳо дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёна, модернизатсияи таълим, беҳтар намудани муҳити омӯзиш, идоракунии мактаб, ҳамгироии таҳсил оид ба тағйирёбии иқлим ва афзоиши иштироки духтарон дар омӯзиши илмҳои технологӣ, муҳандисӣ ва математика мебошад”,- иттилоъ доданд аз Вазорати молия ба Pressa.tj

СУҒДУ БОДКАНД БАРНОМАИ ҲАМКОРӢ ИМЗО КАРДАНД

Дар шаҳри Хуҷанд мулоқоти ҳайатҳои расмии вилояти Суғд ва вилояти Бодканд баргузор гардид.

Дар мулоқот ҳайати Қирғизистонро намояндаи ваколатдор дар вилояти Ботканд Абдикарим Алимбаев ва ҳайати Тоҷикистонро раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода намояндагӣ карданд.

Зимни суҳбат таъкид карда шуд, ки бо сиёсати пешгирифтаи роҳбарони давлатҳо муносибатҳои дӯстона миёни вилояти Суғд ва вилояти Бодканд таҳким ёфта, ба тақвияти ҳамкориҳо аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир мегардад. Зеро муносибати неки ҳамсоядорӣ омили асосии густариши робитаҳо ба ҳисоб меравад.

Дар мулоқот санади Нақшаи чорабиниҳои муштарак миёни вилояти Суғди Тоҷикистон ва вилояти Бодканди Ҷумҳурии Қирғизистон барои соли 2024 ба имзо расонида шуд.



СОЛИ НАВ

Чаро онро яҳудиён ва мусалмонон дӯст намедоранд?

Аз далелҳои таърихӣ бармеояд, ки оғози сол аз 1-уми январ аз ҷониби Юлий Сезар соли 46-уми то милод ҷорӣ шудааст. Одамон ба ин муносибат хонаҳоро оро дода, ба ҳамдигар ҳадяҳо тақдим мекарданд. Сипас, он дар тақвими юлианӣ ҷой дода шуда, дар Аврупо паҳн мегардад.

Назаре ба таърих

Далелҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки бори нахуст дар Мисри қадим Соли нав ҳангоми дамидани дарёи Нил ҷашн гирифта мешудааст (тақрибан охирҳои моҳи сентябр) ва одамон ҳайкалҳои худоёшон Амон, зан ва писарашро дар киштие гузошта, як моҳ рақсу сурудхонӣ мекардаанд. Римиёни қадим то солшумории милодӣ соли навро дар аввали моҳи март ҷашн гирифта, ба ҳамдигар туҳфа мекардаанд. Дар Юнон сардори оила шаби соли нав ба кӯча баромада, аз назди девори хонааш анор ҷамъ мекунад. Ҳикмати ин амал он аст, ки шахсони аноргузошта барор орзу мекунанд. Келтҳо ва сокинони Галлия (ҳудуди Фаронсаи ҳозира ва қисми Англия) соли навро дар охири моҳи октябр ҷашн мегирифтаанд. Онҳо хонаҳояшонро бо шохчаҳои дарахт оро медодаанд, то ҷинҳо дур шаванд. Ақидае доштаанд, ки гӯё дар соли нав арвоҳи мурдагон аз нав зинда мешаванд. Шоҳон низ аз раияташон ҷавоҳирот туҳфа мегирифтаанд.

Соли нав дар Англия дар асрҳои миёна солҳои зиёд 25-уми март ҷашн гирифта мешуд. Соли 1752 қарори парлумони кишвар оид ба ҷашнгирии соли нав аз 1-уми январ ба тасвиб расид.

Хӯрок хушбахтӣ меорад?

Соли навро дар Фаронса метавон иди «сафедиҳо» номид. Дар рӯи миз шамъҳои сафед, меваҳои тару тозаи бо шакар рӯйкашшуда гузошта мешаванд. Дар Лаҳистон ба мизи бо дастархони сафед ороёфта 13 намуди хӯрокро мегузоранд. Хӯроки солинавӣ аз шӯрбои аз моҳӣ ё занбурӯғ, карам бо занбурӯғ, моҳӣ бо соуси ширин таркиб ёфтааст. Аз ҳама охир кулчақанд, шарбат ва мевачот ба дастархон гузошта мешавад.

Урфу одати халқҳои гуногун ба интихоби хӯрокҳои мизи идона таъсир мерасонад. Масалан, ҷопониҳо хӯрокро аз маҳсулоте тайёр мекунанд, ки ба ақидаи онҳо, хушбахтӣ меорад. Карами баҳрӣ (шодӣ), лӯбиёву нахӯд (саломатӣ), моҳии чӯшонидашуда (оромиву руҳбаландӣ) ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд.

Дар рӯи мизи идонаи сокинони Австрия, Венгрия, собиқ Югославия хӯрокро аз гӯшти паранда вохӯрдан номумкин аст, зеро онҳо муътақиданд, ки хушбахтӣ парида меравад. Дар шаби соли нав кубагиҳо, испаниҳо, португалиҳо бояд 12 донаи ангурро хӯранд, то 12 орзуяшон ҳар яке дар як моҳ ҷомаи амал пӯшад.

Дар Федератсияи Россия низ мизи идонаро пирог, карамшӯрбо ва таомҳо аз моҳӣ оро медиҳанд. Дар Словакия ва Чехия дар мизи идона ҳатман бояд карам бо ҳасиб, моҳӣ, шӯрбои занбурӯғӣ, кулчақанди асалӣ бо шир бошад.

Баҳси адён

Дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ҷашнгирии соли нави мелодӣ аз рӯи тақвими григорианӣ роиҷ аст.

Шоёни зикр аст, ки дар Аврупо иди Соли нав нисбат ба Русия соддатар таҷлил мешавад. Сарфи назар аз афзалияти дунявияташон, мардуми Аврупо бештар рӯзи Мавлуди Исои Масеҳро ҷашн мегиранд.

Соли нав идест, ки дар натиҷаи анъанаҳои тӯлонӣ ташаккул ёфта, имрӯзҳо аз ҳаргуна эътиқодоти динӣ дур аст. Ҳатто он масеҳиёни православие, ки тамоми талаботи мазҳабиро риоя мекунанд, онро ҷашн намегиранд ва таҷлилашро низ ҷоиз намедонанд, зеро маҳз дар ҳамин айём рӯзаи даврони Мавлуд оғоз мешавад ва масеҳиён онро риоя намуда, бештар ба ибодат мепардозанд.



Баҳси яҳудиён

Дар бораи ҷашнгирии оғози Соли нав дар миёни намояндагони дину мазҳабҳои гуногун низ ба ақидаҳои мухталиф метавон вохӯрд. Масалан, баъзе руҳониёни яҳудӣ, аз ҷумла Раввин Акко Шмуел Элиягу онро иди бахшидашуда ба хотири таъқибкунандаи яҳудиён - Силвестер дониста, таҷлили онро барои яҳудиён камоли бехирадӣ меҳисобад. Вале Раввини дигар - Эфрат Шломо Рискин ҷанбаҳои динӣ ва шаҳрвандии онро дақиқан ҷудо намуда, мегӯяд: «Бо таҷлили поёни сол ва оғози соли нав мардум ба ёд меоваранд, ки ҳаёт зудгузар аст ва онҳо ҷовидона нестанд. Дар ин ҳикмати бузурге пинҳон аст».

Назари мусалмонон

Мусулмононе, ки дар давлатҳояшон солшумории григорианӣ роиҷ аст, низ ин идро дар қатори дигарон ҷашн мегиранд. Вале дар вақтҳои охир аз олами ислом сарусадоҳое барои манъи таҷлили иди Соли нав ба гӯш мерасанд. Муддаиёни ин гуна сарусадоҳо барои суханҳои худ далел меоранд, ки дар ислом танҳо ду ид ҳаст ва ва ин барои мо кофӣ мебошад. Мусалмонон ба гуфтаи Ибни Таймия аз китоби «Ал-Иқтидо» ручуъ мекунанд: «Худро дар идҳои ғайримусулмонон ба онҳо монанд кардан чунин маъно дорад, ки инсон худро бо ақида ва анъанаҳои дурӯғини онҳо қонеъ мегардонад».

Албатта ин гуфтаҳои онҳоро дар ҳолате метавон дуруст донист, ки сидқан касе он амалҳоро аз рӯи эътиқодоти динӣ анҷом диҳад, дар ҳоле ки дар худи кишварҳои масеҳӣ ва ғарбӣ онро касе иди динӣ намешуморад.

Бояд икрор шуд, ки тоҷикистониён Соли навро ба унвони иди динӣ ҷашн намегиранд. Бо вуҷуди ин ҳар сол пеш аз оғози ин ид сарусадоҳо дар ҷомеаи мо пайдо мешаванд. Аммо барои мӯйро аз хамир ҷудо намудан дар чунин мавридҳо танҳо хирад ва мантиқро истифода намудан кофист. Худатон қазоват намоед, ки дар олами масеҳӣ, ки мо тасаввур дорем онро ҳамчун иди динӣ таҷлил мекунанд, вазъият чунин нест. Қисмати динии он, ки ба мавлуди Исои Масеҳ мансуб аст, дар байни католикҳо ба унвони Крисмас 25-уми декабр ва дар миёни пайравони равияи православӣ 7-уми январ ба унвони Рождество ҷашн гирифта мешавад.

Бинобар ин, мо ҳамагон бояд дарк намоем, ки ҷашни иди Соли нав ба ҳеҷ ваҷҳ рангу хусусияти динӣ надорад ва он дар доираи фарҳанги дунявӣ, ҳамчун рамзи ибтидои солшуморие, ки мо тибқи он кору фаъолият ва зиндагӣ мекунем, баргузор мегардад. Ин маросим як навъ ҷамъбасти дастовардҳо ва муваффақиятҳои соли сипаришуда ва гузоштани нақшаву ниятҳои нав дар соли пешоянд аст.

Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ

ЯК СОЛИ ДУШАНБЕ

Бунёди 100 иншоот, таъсиси 10 000 ҷойи кор ва чанд дастоварди дигар

Соли 2023 барои пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе соли бобарор буд. Бунёди биноҳои муҳташами истиқоматӣ, савдову хизматрасонӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷумлаи дастовардҳои назарраси пойтахт аст.

Бунёди беш аз 100 иншоот дар 1 сол

Дар соли равон 106 иншоот дар шаҳри Душанбе ба истифода дода шудааст. Аз ин 7 корхонаи саноатӣ ва истеҳсолӣ, 4 бинои маъмурӣ, 5 муассисаи таълимӣ, 12 маркази савдо ва хизматрасонӣ, 27 бинои истиқоматӣ, 42 хонаи истиқоматии шахсӣ, 2 майдончаи варзишӣ, 12 адад дар соҳаи нақлиёти коммуналӣ рост меояд. Масоҳати умумии иншоот 431 000 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Иншооту корхонаҳои навтаъсис дар ҳар самт аст, ки ба ин васила зиёда аз 10 ҳазор нафар бо кор таъмин шудаанд. Масалан, ҳафт корхонаи саноатӣ, ки дар шаҳр ба истифода дода шуданд, 4 000 нафар бо кор таъмин гардиданд. Инҳо кадом корхонаҳоянд?

1. Корхонаи "Гулистони Душанбе"

2. Корхонаи истеҳсолии «Қолинҳои Душанбе»

3. Корхонаи нассоҷии «Арвис»

4. Корхонаи нави истеҳсолии “Фабрикаи қаннодии Амирӣ”

5. Корхонаи равғанбарории “Файзи баракат”

6. Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии “Имод”

7. Корхонаи истеҳсоли макарони “Шаҳри зебои мо”

Биноҳои нави маъмурӣ

Ҳамчунин, соли равон дар пойтахт чандин биноҳои маъмурӣ ба истифода дода шудаанд. Биноҳои нави Прокуратураи генералӣ, ТВ “Сафина” ва Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронӣ ва шуъбачаи шаҳрии милитсияи ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ охири соли равон бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ифтитоҳ ёфтанд. Ин биноҳо бо тарҳи муосиру муҷаҳҳаз бо техногия ва шароити роҳати корӣ сохта шудаанд.



Муассисаҳои нави таълимӣ дар соли 2023

Соли равон дар пойтахт чандин мактаби замонавӣ бунёд шуданд. Муассисаи таҳсилоти томактабии №40 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Мактаби ҷаҳон» (Глобал скул) дар шаҳри Душанбе, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, гимназияи хусусии “Қалам”, муассисаи таълимии хусусии “Саидумар” аз ин қабиланд.

Душанбе дар ҷойи аввал

Воқеан ҳам, иншооту биноҳои нави шаҳр бо усули замонавӣ, санъати баланди меъморӣ бунёд шудаанд. Варзишгарону хонандагон ва донишҷӯёни пойтахт низ дар ин сол соҳиби дастовардҳо буданд. Варзишгарону муҳассилини шаҳр дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро соҳиб шуданд.

Дастпарварони муассисаҳои пойтахт дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» ҷойҳои зиёди ифтихорӣ гирифтанд. Бо ин шаҳри Душанбе бо гирифтани ҷойҳои бештар зинаи аввалро дар Тоҷикистон ишғол намуд.

Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА



Ифтитоҳ

ПАРДАБАРДОРӢ АЗ РӮЙИ МУҶАССАМАИ КУРУШИ КАБИР

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе аз рӯйи Муҷассамаи яке аз бузургтарин шахсиятҳои таърихӣ, асосгузор ва шоҳи сулолаи ҳахоманишиён Куруши Кабир пардабардорӣ намуд.

Ин Муҷассама, ки дар боғи Куруши Кабир қомат афрохтааст, аз масолеҳи хушсифат бо санъати баланд сохта шуда, 3 метр баландӣ дорад.

Ёдовар мешавем, ки 7 июни соли 2019 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Боғи «Куруши Кабир»-ро ифтитоҳ намуда буданд.



Машварат



ЧАНД МАСЛИҲАТИ СОЛИНАВӢ БА РОНАНДАГОНИ НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

1. Қабл аз “бисмиллоҳ” гуфта ба паси чамбараки автобусу троллейбус ва ё “маршрутка” нишастан андеша кунед, ки шумо дар хизмати мардумед, на мардум дар хизмати шумо.

2. Нақлиёте, ки идора мекунед (автобусу троллейбусҳо), аз они ҳукумати шаҳранд, на моли шахсиатон. Яъне бо пули ана ҳамин мусофиронатон харида шудаанд, на аз кисаи шумо.

3. Вақте аз баландгӯякатон садои “корти ройгон”-ро мешунавед, рӯй турш накунеду донед, ки соҳиби он барои ману шумо хизмат кардааст ва ё карда истодааст, ки ҳукумат ӯро эҳтиром карда, ба мошинаш бепул савор кардааст.

4. Дар байни истгоҳҳо ба хотири ба даст овардани “пули наличний” ист карда, бо дидани корти ройгон ба мӯйсафедон нагӯед, ки “дар истгоҳ истӣ, мемурӣ?”.

5. Гумон кунед, ки назоратчиёни кортҳо, ки мардумро ба кортгирӣ ташвиқ мекунанд, на танҳо дар истгоҳи “Садбарг”, балки дар ҳама ҷо ҳастанд.

6. Дар мошинҳоятон мусиқии гӯшхарош нагузоред, зеро дар байни мусофирон шояд шахсони мусибатзада ва ё онҳое, ки чунин мусиқӣ маъқулашон нест, бошанд. “Даҳони пӯшида сад тилло”-ро фаромӯш накунед.

7. Пас аз ба охир расидани коратон ҳамаи пули “наличнии” ҷамъкардаатонро ба касса супоред, зеро он пули шумо нею аз они ҳукумат аст ва ба шумо барои коратон музди алоҳида медиҳанд.

8. Аз роҳбариятатон хоҳиш кунед, ки аз шумо на танҳо маблағи нақд, балки ҳисоботро дар бораи “кортҳои ройгон” ҳам гиранд.

9. Ҳамчунин, аз ҳамон роҳбарият талаб кунед, ки ба шумо дарси одоб низ гузаранд, то муомила бо мардумро омӯзед.

10. Ин маслиҳатҳоро дар Соли нав чоп карда, дар оинаи пешорӯятон гузоред ва мошинҳои ҳукумати шаҳр ва шаҳрвандонро эҳтиёт кунед.

Он гоҳ мусофиронатон аз таҳти дил мегӯянд:

СОЛИ НАВАТОН МУБОРАК, РОНАНДАГОНИ АЗИЗ!

Мусофири доимии шумо:
А. ҲОҶӢ

МЕҲРГОН БА ЮНЕСКО РАФТ

Тоҷикистон барои шомил кардани ҷашни бостонии Меҳргон ба Феҳристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО дархост пешниҳод кардааст. Дар ин бора Зулфия Бурҳон, котиби масъули Комиссияи миллии ЮНЕСКО дар Тоҷикистон хабар медиҳад.

Номбурда зимни суҳбат ба “МИР” гуфтааст, ки бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва пайвастани насли муосир бо мероси ниёгон ҷашнҳои бостонии “Сада”-ву “Меҳргон” дубора эҳё карда шуданд.

"Аз ин рӯ, пешниҳоди ҷашни Меҳргон дар соли 2024 низ барои шомил шудан ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО барои баррасӣ пешниҳод шудааст",- гуфтааст ӯ.



Ҷашни Меҳргон, ки чун Наврӯзу Сада яке аз ҷашнҳои қадимии тоҷикон аст, аз соли 2009 дар Тоҷикистон дубора эҳё ва таҷлил мешавад. Он ҷашни тирамоҳ буда, ҳамчун рамзи шукргузорӣ аз неъматҳои табиат ва меҳнати деҳқонон, ҳамчун арҷгузорӣ ба вахдати инсону табиат таҷлил мегардад.

Ёдовар мешавем, ки дар иҷлосияи 18-уми Кумитаи байниҳукуматии Созмони мероси ғайримоддӣ, ки аз 4 то 9-уми декабр дар шаҳри Касане (Ботсвана) баргузор шуд, ба феҳристи ЮНЕСКО беш аз 40 унсури нав ворид карда шуданд.

Дар иҷлосия тасмим гирифта шуд, ки се номзад аз Тоҷикистон ба рӯйхат шомил шавад. Ҳунари бофандагони тоҷик дар сохтани атласу адрас, ороиши бадеии матни тоҷиб (номзадии муштарак бо Эрон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Туркия), инчунин ҷашнвораи бостонии Сада (номзади муштарак бо Эрон) ҳамчун ҳунари фарҳангӣ ва мероси башарият эътироф гардиданд.

Ф. БОБОЕВА

Хотира





ИБНИ СИНО

туҳфа ба ахтаршиносони Маскав

Гилем бо тасвири Ибни Сино - туҳфаи олимони тоҷик ба ахтаршиносони Маскав дар соли 1981.

Владимир Сурдин, астрономи рус, мубаллиғи машҳури кайҳоншиносӣ ва устоди Донишгоҳи ба номи Ломоносови шаҳри Маскав дар як навораш, ки доир ба Пажӯҳишгоҳи астрономии Штернберги донишгоҳи мазкур аст, гилеми зебоеро бо тасвири Ибни Сино нишон дода, мегӯяд, ки туҳфаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (УДТ, ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба хотири 150-солагии пажӯҳишгоҳашон аст. Дар навиштаҷоте, ки дар гилем рӯи лавҳаи филизӣ ҳаккокӣ шудааст, дида мешавад, ки таърихи он декабри соли 1981 аст.

Азбаски солҳои 1971-82 ректори УДТ устод Пӯлод Бобоҷонов буданд, тахмин кардан мумкин аст, ки ин туҳфа ташаббуси он кас аст, зеро устод Бобоҷонов солҳои 1951-54 дар пажӯҳишгоҳи мазкур дар зинаи аспирантура таҳсил карда, рисолаи номзадӣ ҳимоя карда, бо олимони шинохтаву барҷастаи шӯравӣ робитаи хуб доштанд.

Аз рӯи гуфтаи Сурдин, ин гилем ба хотири гиромидошти номи бузургони гузашта нигоҳдорӣ мешавад.

Ризо БАҲРОМЗОД

Ахбор

РӮЗҲОИ ФАРҲАНГИ ҚАТАР ДАР ТОҶИКИСТОН ДОИР МЕШАВАД

Соли 2024 дар Тоҷикистон баргузории Рӯзҳои фарҳанги Қатар дар назар аст. Ин масъала дар шаҳри Душанбе зимни вохӯрии ҳайатҳои вазоратҳои фарҳанги ду кишвар баррасӣ шудааст.

Бино ба иттилои Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, дар ҷараёни мулоқот вобаста ба фаъолияти вазорат ва ҳамкории он бо муассисаҳои фарҳангии давлатҳои дӯсту бародар ибрози андеша гардид.

«Ҳамзамон ҷонибҳо баргузории Рӯзҳои фарҳанги Давлати Қатарро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Давлати Қатар барои ҳарду давлат иқдоми хубу мутақобилан судманд арзёбӣ намуданд»,- иттилоъ медиҳад манбаъ.

ИХТИСОРИ КОРМАНДОН ДАР ДУ ВАЗОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Ҳукумати Тоҷикистон теъдоди кормандон дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Вазорати маориф ва илмро ихтисор кард.

Дар асоси Қарори Ҳукумати мамлакат, барои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон минбаъд ба ҷойи доштани 4 муовини вазир 3 муовин, аз ҷумла як ноиби аввал иҷозат дода шудааст.

Дар маҷмуъ, теъдоди умумии кормандони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон низ кам карда шуда, ҳадди ниҳоӣ аз 815 ба 807 оварда шудааст. Воҳидҳои корияи дастгоҳи марказии ин ниҳод аз 87 ба 79 поин оварда шудаанд.

Аъзои ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 9 нафар муқаррар шудаст.

Дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, ки 95 басти корӣ бе назардошти ҳайати хизматрасон дошт, акнун 88 корманд хоҳад дошт.

Муқаррар шудааст, ки 80 воҳиди корӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ ва 8 адад аз ҳисоби захираҳои махсуси вазорат маблағгузорӣ хоҳанд шуд.

МАВЛУДИ ИСО Ё МИТРА

Оё арчаи солинавӣ моли тоҷикон аст?

Дар муқоиса ба Соли нави мелодӣ, ки ба зиндагии тоҷикон замони шӯравӣ ворид гардид, Мавлуди Масеҳ, ки ӯро ҳамчун паёмбар гиромӣ медоранд, бо фарҳанги тоҷикон иртиботи таърихӣ дорад.

ққТавре медонем, соли нави асосии мо ҷашни Наврӯз аст, ки ба баробаршавии шабу рӯз рост меояд. Азбаски аҷдодони мо аз тақвими офтобӣ истифода мебурданд, идҳои мавсимии мо ба Офтоб алоқамандӣ доштанд. Ҷашни Сада марбут ба зимистон буд, Наврӯз - иди баҳорӣ ва Меҳргон дар тирамоҳ ҷашн гирифта мешуд. Тиргон бошад, ҷашни тобистона буд.

Дар тӯлонитарин шаби сол, дар зимистон, ниёгони мо таваллуди худои офтобро, ки номаш Митра буд, ҷашн мегирифтанд. Ин идро мардуми эронӣ то ҳол бо номҳои гуногун таҷлил мекунанд. Мо онро “шаби чилла” меномем, гарчанде ки он бештар бо номи “Ялдо” маъруф аст, ки маъноаш “Мавлуд” мебошад.

Дар таърихи ниёгони мо қаҳрамони дигаре низ буд, ки Митра ном дошт. Митра яке аз се нафар наҷотдиҳандагони Зардушт буд.

Тибқи ривоятҳо, Митра 25-уми декабри соли 227 пеш аз Исо дар Сакистон - Сиистони имрӯзаи Эрон аз духтаре бо номи Ноҳид таваллуд шудааст. Ноҳиди бокира аз тухми Зардушт, ки дар қаъри кӯли Каянсо нигаҳдорӣ мешуд, ҳомила шудааст ва номи ҳозираи он Ҳомун аст.

Писари Ноҳид бо тақдири азалӣ дини Зардуштро ислоҳ ва аз бидъатҳо пок кард. Митра рисолати худро дар синни 33-солагӣ анҷом дода, ба осмон сууд кард. Оё ривояти мазкур ба шумо чизеро хотиррасон намекунад?

Маҳз бо Митра ва ҷашни таваллуди ӯ Мавлуди масеҳӣ алоқамандӣ дорад. Замоне, ки масеҳият ба ҷои митраизми румӣ дини расмии Империяи Византия гардид, санаи дақиқи таваллуди Исо аллакай фаромӯш шуда буд.

Барои руҳониёни калисои Византия решакан кардани митраизм душвор буд. Аз ин рӯ, аз ноилоҷӣ Митраро бо Исо тавъам намуданд. Азбаски зиндагиву афкори онҳо мувофиқ омад, минбаъд Мавлуди Митра ба Мавлуди Масеҳ табдил ёфт.

Ва ҳаёти паямбари эронӣ Митрос, писари Зардушт, дар ривоятҳои арабу мусулмон дар бораи анбиё ва подшоҳон, ки барои мо бо номи «Қасас-ул-анбиё» маълум аст, нигоҳ дошта шудааст. Ба гуфтаи онҳо, Исо маслуб нашудааст, балки ба осмон бурда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки таъсири митраизм ба масеҳият метавонад бо расму оинҳо ва рамзҳо маҳдуд шавад, гарчанде ки таъсири хеле чиддӣ дошт. Масалан, сарпӯши попҳои католикӣ «митр» номида мешавад, сарпӯши патриархҳои православӣ бо шакл ва шабоҳати тоҷҳои шоҳаншоҳҳои эронӣ сохта шудааст.

Дини христианӣ аз мехрпарастӣ (митраизм) мафҳумҳои «Дева», «Богородица», «Богоматерь»-ро қабул кардааст, ки хоси митраизм аст.

Оини Марями муқаддас



дар як қатор кишварҳои католикӣ ба мазҳаби наҳидӣ дар Эрони ибтидои асримиёнагӣ, аз ҷумла парастиши Нанай дар Суғд хеле монанд аст.

Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки Нанай нусхаи суғдии номи олиҳаи бостонии эронии «Аноҳита» (пок, дӯшиза) аст, ки варианти форсии миёна «Ноҳид» будааст.

Ба он ҷашни алоҳида бахшида шуд, ки дар кишвари мо бо номи «Сайри гули лола» шинохта аст. Лола - қадимтарин рамзи таваллуд ва эҳё ба шумор меравад. Хуб мешуд, ки рӯзи байналмилалии занонро бо ин ид тавъам намоем.

Аммо чунин ивазкунӣ танҳо бо қорӣ шудани тақвими аслии хуршедӣ дар Тоҷикистон, ҳатто дар баробари тақвими феълӣ, ки дар бисёре аз кишварҳо амалӣ мешавад, имконпазир аст.

Ҳангоми гузаштан ба тақвими аслӣ, ки аз Наврӯз оғоз меёбад, ҷои ҷашни якуми январро метавонад ҷашни “Шаби чилла” ё “Шаби ялдо” бигирад, ки то имрӯз дар як қатор манотиқи Тоҷикистон таҷлил мешавад.

Чунин аст мулоҳизаҳо дар мавзӯи синтези идҳои миллӣ ва ғарбии масеҳӣ. Синтези фарҳангҳо асоси тамаддунҳост. Масалан, ҳарчанд суннати арчаи солинавӣ аврупоиву насронӣ маҳсуб мешавад, аммо боз решаҳои эронӣ дорад.

Дар анъанаҳои суннатии мо “арчаи солинавӣ” дарахти арча набуд, балки дарахти дигари ҳамешасабз - кипарис ё ба забони форсӣ “сарв” буд.

Қобили зикр аст, ки дар худи фарҳанги аврупоӣ, аниқтараш юнониву румӣ, сарв рамзи марг маҳсуб мешуд, аммо дар масеҳият рамзи сарв баръакс шуд - он рамзи ҳаёти ҷовидонӣ гардид.

Аён аст, ки ин падида зери таъсири мехрпарастӣ (митраизм) аз зардуштӣ сарчашма мегирад.

Тибқи ривоятҳо, худи Зардушт-пайғамбар дар шаҳри Кобуси Эрон як дарахти сарв шинонда буд, ки қабл аз ҳамлаи арабҳо вуҷуд дошт, баъдан онро бурида, ба Димишқ фиристоданд.

Анъанаи ороиши арчаи солинавӣ дар Помир то имрӯз боқӣ мондааст, ҳарчанд каме шаклан тағйир ёфтааст. Дар Помир аз чӯбҳои бед истифода мебаранд, пӯсти он тавре бурида мешавад, ки шакли дарахти шукуфонро мегирад.

Арчаи солинавӣ решаҳои худро дар ҷашни митраии мо - дар рӯзи солхӯрии зимистона ё Шаби Ялдо дорад, ки маънои Шаби Мавлуди Исоро дорад.

Арчае, ки русҳо дар ҷашни соли навашон меороянд, реша дар фарҳанги бостонии мо дорад. Милоди Масеҳ, ки масеҳиён дар саросари ҷаҳон ҷашн мегиранд, реша дар ҳамин ҷашни шаби чилла дорад. Ялдое, ки мегӯянд, ҳамин милоди Масеҳ аст, ки ҷудо аз ҷашни шаби чилла аст. Мо шаби чилларо ҷашн мегирем, на шаби ялдоро.

Сарв дар фарҳанги мо намоди зиндагонӣ ва сарсабзиву ҳамешабаҳорӣ аст.

Митраизм ҷои худро ба дини насронӣ дод ва тамоми рамзи он ба дини насронӣ гузашт, ки дар он ҷо Митраро Масеҳ иваз кард.

Хулоса, арчаи солинавӣ барои мо тамоман бегона нест ва бо ёрии Ҳокимияти Советӣ ба асли худ баргашт. Дар таҷлили соли нави зимистона ҳеҷ чизи таҳқиромез нест, зеро тақвими расмӣ дар Тоҷикистон дар асоси тақвими григорианӣ сохта шудааст.

Умед ҶАЙҲОНӢ,
пажӯҳишгар
Аз русӣ тарҷумаи
Н. РАҶАБОВА



Соли наҳанг

Ба мучал соли нав соли наҳанг аст,
Маромаш пешрафту ору нанг аст.

Ба истиқболи омад-омади нек,
Фазои моҳиён пуробуранг аст.

Фаро гар медиҳӣ гӯшат ба ҳар сӯ,
Танинандоз савти созу чанг аст.

Мисоли лаълу ёқут аз бароям,
Гарон ҳар зарра хоку резасанг аст.

Табиат густарида хони неъмат,
Мунаққаш саҳнаву дунё қашанг аст.

Ҳама зебосанамҳои гуландом,
Ба тан дебои кимхову фаранг аст.

Сароҳанг ифтитоҳи рамзу маънӣ,
Калиди рамзи сол - овои занг аст.

Дар олам ташнагони амн бешанд,
Аз ин рӯ сулҳ авлотар зи ҷанг аст.

Барори кори дилдорон бувад сол,
Хушо вақте ду дил чангу ба чанг аст.



Дуои солинавӣ

Соли нав соли фаровонӣ шавад! Омин!
Соли ҳосилхезу арзонӣ шавад! Омин!
Соли озодии шодиҳои зиндонӣ,
Дарду ранҷу ғусса зиндонӣ шавад! Омин!
Аз парешонӣ нигаҳ дорад Худо моро,
Соли хотирнопарешонӣ шавад! Омин!
Дӯстдориву бародархондагӣ, эй кош,
Дар миёни халқ маҷҷонӣ шавад! Омин!
Бӯсамуштоқон, ки умре бӯсабеморанд,
Сол соли бӯсадармонӣ шавад! Омин!
Кош, дар бозори дунё ҳар чӣ аз Чин аст,
Дар сифат чун моли ҷопонӣ шавад! Омин!
Бод вайрона дурӯғободи ту, эй дӯст,
Дӯстӣ, эй кош, ҳаққонӣ шавад! Омин!
Соли бахшишҳову фаҳмишҳову созишҳо,
Душмани ҷон дӯсти ҷонӣ шавад! Омин!



Дилшод Бурҳонов:

НОМИ АМРИКОРО ДИГАР МЕКУНАМ...

Мусоҳибаи солинавӣ бо номзад ба президентии Амрико

... Ӯро дар фурудгоҳи Хуҷанд дарёфтам. Ҳарчанд ба ман гуфта буданд, ки номзад ба президентии Амрико қабл аз номнавис шуданаш ба зодгоҳаш меояд, аммо ба ин чандон боварӣ надоштам. Вале чун аз редаксия супориш гирифта будам, маҷбур шудам "таваккал ба сари кал"гӯён, ба Хуҷанд парвоз кунаму минбаъд ба Исфара рафта, он ҷо интизор шавам. Аммо кори маро Худо осон кард ва бо ӯ дар ин ҷо, вақте ки аз тайёраи Ню-Йорк- Мюнхен-Хуҷанд фаромад, вохӯрдам. Мардум, ки ҳоло аз кӣ будани ӯ огоҳ набуданд, бепарво аз паҳлуяш гузашта мерафтанд. Ман ӯро зуд аз рӯи аксе, ки "Тоҷикистон" чоп карда буд, шиносхтам ва ба наздаш рафтам. Шояд Дилшод Бурҳонов мошини ким-кадом хешашро аз Исфара интизор буд, ки дар болои курсии фурудгоҳ телефонбозӣ карда менишаст. Ба вай наздик шудаму бо забони инглисӣ гуфтам:

- Mister Dilshod... Did you just get off the plane? (Ҷаноби Дилшод, шумо ҳозир аз тайёра фаромадед?).

Ӯ баробари шунидани номи худ аз ҷояш парида хесту бо забони тоҷикӣ ва ҳатто бо лаҳҷаи исфарагӣ ҷавоб дод:

- Бале, ҳаминҷанда интизори мошини хешо шиштем. Исфаранда рафтанамон лозим. Шумо ким?

Ман дар бораи супориши редаксия ва мақсади суҳбатам бо ӯ гуфтам. Дидам, ки баъд аз шунидани "ҳисоботи ман" симои ӯ дигар шуд ва аз як ҷавони "хиппи" ба сиёсатмадори ҷиддие табдил ёфту пешниҳод кард:

- Майлаш, ҳарчанд ман то ҳол номнавис нашудаам, аммо командаам кор карда истодааст ва интервю бо хабарнигори "Тоҷикистон" як навъ таблиғ хоҳад буд. Биёед суҳбатамонро дар роҳи Исфара ва минбаъд дар сари табақи оши палави исфарагӣ давом диҳем...

Инак, мусоҳибаи солинавиро бо номзад ба президентии Амрико Дилшод Бурҳонов дар зер мутолиа кунед.

- Шумо чӣ тавр ба Амрико рафтед? Бо "корти сабз"?

- Не. Ман дар ин бора танҳо баъд аз сабти ном шуданам мегӯям...

- Ҷаноби Бурҳонов, шумо чӣ гуна ҷуръат карда, номзадиатонро ба зидди Трампи миллиардер ва Байдени дар деги сиёсат пухта ва шояд боз чанд нафари дигари бонуфуз гузоштед?

- Ҳмммм, барои шери калон шудан аввал шербача тавваллуд шудан лозим. Мо тоҷикон шербача тавваллуд мешавему баъдан фаромӯш мекунем, ки фарзандони кӣ ҳастем. Охир, мо аз авлодони ҳамон сомониёну Рустаму Коваю... ҳастем. О, нафароне, ки номбар кардед, шояд боҷуръатанд, вале амрикоиҳо аз сиёсати онҳо безор шудаанд ва мехоҳанд ҷараёни зиндагии худро дигар кунанд. Ман медонам, ки онҳо маро дастгирӣ мекунанд, барои ҳамин номзадиамро пешниҳод кардам...

- Охир, бори аввал як тоҷики мусофир...

- Кӣ гуфт, ки ман мусофир ё муҳоҷирам? Амрико яклухт аз ҳамин мусофирону муҳоҷирон ибтидо гирифтааст. Бубинед, Кеннедии сафеду Трампи зард ва Обамаи сип-сиёҳи ниммусулмону нимхристиан дар Амрико президентӣ карданду як тоҷики исфарагӣ наметавонад? Мо ҳам метавонем!

- Гапатон росту аммо мувофиқи Конститутсияи 250-солаи Амрико танҳо онҳое номзадиашонро пешниҳод карда метавонанд, ки дар Амрико тавваллуд шуда бошанд...

- Гумон мекунед, ки Обама дар Амрико тавваллуд шудааст? Баҳсҳоро дар ин маврид ба ёд оред. Бисёриҳо мегуфтанд, ки ӯ дар Африқо тавваллуд шудааст, аммо коре карданд, ки ӯ номнавис шуд. Зеро он замон бояд сиёҳ президент мешуд ва ҳамин тавр ҳам шуд. Мумкин ин дафъа барои онҳое, ки Амрикоро воқеан ҳам идора мекунанд, президенти осиёӣ, ё маҳз тоҷик лозим шавад. Он гоҳ номи Исфарароро бо исми штати Иллинойс иваз кардан душворие надорад...

- Мистер Бурҳонов, чун шумо шаҳрванди Амрико ҳастед, хуб медонед, ки дар интихоботи ин кишвар асосан ва маъмулан танҳо ду ҳизб - демократҳою ҷумҳурихоҳон байни ҳам мубориз бурда, бо навбат ИМА-о идора мекунанд...

- Маҳз ҳамин чиз маро ба майдони интихобот оварда. Ман мехоҳам ин анъанаро барҳам диҳам ва барои ҳамин худро чун номзади мустақил пешниҳод намудам. Охир, Амрико моли падари танҳо демократу ҷумҳурихоҳон не ку. Ҳатто фарзияе ҳаст, ки онро маҳз тоҷикон кашф кардаанд...

- Чӣ гуна?

- Шумо гумон мекунед, ки ман дар Амрико ҳама чизи тоҷикиро фаромӯш кардам? Охир, ҳоло замони технологияҳои пешрафта ва агар дар Мичиган бод барорӣ, дар Сарихосор мешунавӣ. Дар як нашрияи тоҷикӣ тахмини экстрасенс ва фолбини машҳури тоҷик, номаш чӣ буд? Ҳа, Холназар...

- Мебахшед, Холиқназар будагист...

- Рост гуфтед, мақолаи Холиқназар Ҷумъазодаро дар бораи он, ки Амрикоро маҳз Амир-ако кашф кадаанд, хондам. Ман ин ақидаро ҷонибдорӣ менамоям ва ҳоло профессори Донишгоҳи ба номи Ҷорҷ Вашингтон Стивен Крис ва олими амрикоии эронитабор Маҷид Мункӣ сари ин масъала дар ҷустуҷӯянд ва натиҷаи пажӯҳиши онҳо то охири соли нав ба маърази умум гузошта мешавад. То он замон, иншооллоҳ, ман раисиҷумҳури Амрико (интихобот моҳи ноябри соли 2024) интихоб мешавам ва номи таърихии кишварро, ки "Амир-ако" мебошад, бармегардонам.

- Дурусту, боз дар барномаи пешазинтихоботиатон гуфтаед, ки ҳуқуқи ҳамҷинсгароёнро маҳдуд мекунед. Магар онҳо пас аз ин чунин президентро дастгирӣ мекунанд?

- Аз дастгирии онҳо безорам. Охир, онҳо як ба саисхона ва ё оғилхонаи фермерҳо даромада бинанд, ки кадом ҳайвон бо ҳамҷинси худ муошират мекунад? Ин корро танҳо онҳое мекунанд, ки аз ҳайвон ҳам пастсифаттаранд. Кӯшиш мекунам, ки барои ҳамҷинсгарой на танҳо ичозат дода нашавад, балки ҷавобгарӣ муайян гардад.

- Боз дарси тарбияи чисмонии мактабҳои кишвари зистатонро танқид кардаед?

- Сад фоиз рост. Дар дунё аз ҳама бештар фарбеҳҳо дар кучо? Албатта дар Амрико! Барои чӣ? Барои он ки дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дарси тарбияи ҷисмонӣ нест. Агар мисли Тоҷикистон дар он ҷо ақаллан дар як ҳафта ду соат чунин дарс ҷорӣ кунем, сафи фарбеҳҳо камаш ду баробар камтар мешавад.

- Ба фикри худатон, шонси номнавис шуданатон вуҷуд дорад? Як ҳамкасби мо низ дар Русия хост номзадиашро ба мақоми президентии ин кишвар гузорад. Аммо дар ҳуччатҳояш садтои расо хато ёфтанд...

- Ой чӯра, агар шонс намедоштам, номзадиамро мегузоштам? Ман мисли президенти ҳозира Байден 80-сола не, нав 42-сола мешавам. Наход дар чил соли боқимонда ягон бор номзадиам нагузарад? Ана, дида истодӣ, ки барои фотеҳа гирифтан аз гузаштагону бузургони зодгоҳам - Тоҷикистон ба ин ҷо омадам. Иншооллоҳ, бо дуои онҳо номзад мешавам. Медонам, ки саволҳои бисёри сиёсӣ дорӣ, аммо ваъда медиҳам, ки ба ҳамаи саволҳоятон баъд аз сабти ном шуданам ҷавоб хоҳам дод. Ман медонам, ки ту ҳамчун дӯстдори оши палав якҷоя бо Мирзиёеву Трамп ва Обамаю чанд тани бонуфузи дигар ош пухтаю ош хӯрдай. Ҳоло бошад, биё, ноумед нараву як оши исфарагии ҷиянҳо пухтаро бо ҳам бинем ва турою ҳамдиёрони дигарамонро бо соли нави мелодӣ табрик гӯем. Ошпазии якҷояи худамонро каме ба таъхир адохта,танҳо баъд аз он, ки ман дар интихобот ғолиб омадам, мепазем.


Соли наватон муборак, ҳамдиёрони азиз!

Мусоҳиб:
А. АҲМАДЗОДА

ПЕШГЎЙИҲОИ ЭКСТРАСЕНС:

АРЗОНӢ НЕ, ФАРОВОНӢ МЕШАВАД!

Инак, соли 2024 фаро мерасад ва харгӯш ҷои худро ба моҳӣ вогузор мекунад. Хабарнигори ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ҷаноби Мундонӣ дар остонаи Соли нави мелодӣ бо экстрасенс Холиқназар Ҷумъазода суҳбати сарироҳие анҷом дода, аз баъзе пешгӯиҳои ӯ огоҳ шуд, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон мегардонем.



- Муҳтарам экстрасенс. Нахуст шуморо бо фарорасии Соли нави мелодӣ табрик мегӯем.

- Соли нав ба хонандагони нашрияи “Тоҷикистон” ва ба кулли ҳамватанон муборак бошад! Инак, харгӯш оҳиста-оҳиста аз назарҳо пинҳон мешавад ва моҳӣ ҷавлонзанон ба майдон меояд. Тавсия медиҳам, ки дар ин сол хеле эҳтиётткор бошед, зеро моҳӣ лағжонак аст. Оддитарин беэҳтиётӣ метавонад боиси аз даст рафтани баъзе дастовардҳо ва ҳатто бозёфтҳоятон шавад. Тибқи пешгӯиҳои мо, барои моҳӣ имсол соли басо душвор хоҳад буд. Зеро моҳӣ як даврaи басо вазнинро аз харгӯш қабул мекунад. Даврае, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти бузурги иқтисодӣ ва ҷангу кушторҳо гирифтор аст ва идоракунӣ торафт душвор мегардад.

- Мо ҳама хуб огоҳем, ки ҳамаи пешгӯиҳои шумо дар соли 2023 амалӣ шуданд. Оё рост аст, ки ҳатто экстрасенсҳои бузурги ҷаҳонӣ гоҳо ба шумо барои машаварат муроҷиат мекунанд?

- Агарчи шумо оид ба муроҷиати экстрасенсҳои бузурги ҷаҳонӣ каме муболиға кардед, вале хато ҳам накардед. Воқеан, мо экстрасенсҳо гоҳо сари мавзуҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷангҳо бо ҳам машварат мекунем. Масалан чанде пеш экстрасенси машҳури Россия Александр Иванов, ки миёни 24 нафар экстрасенсҳои рус ғолиб омада буд, ба ман муроҷиат кард. Мо оид ба хатми ҷанги Русияву Украин ва Исроилу Фаластин баҳс доштем, вале ба мувофиқа нарасидем.

- То он чое огоҳем, аксари экстрасенсҳо пешгӯӣ карда буданд, ки ҷанги Русияву Украин дар соли 2023 хотима меёбад. Вале шумо қайд карда будед, ки баръакс, ҷанги мазкур маҳз дар соли 2023 авҷ мегирад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Лутфан бигӯед, ки ҷанг дар Украин дар соли 2024 ба итмом мерасад ё не?

- Ҷанги Русияву Украин дар соли 2024 хотима намеёбад, вале мутаваққиф мешавад.

- Ҷанги Исроилу Фаластин чӣ?

- Нахуст бояд бигӯям, ки ояндаи ин ҷанг ба Амрико вобаста аст, на ба худи Исроил ё Фаластин. Баъдан, амали Исроил дар муқобили фаластиниҳо нишон дод, ки давлати Исроил бераҳмтар аз террористон ва ҳатто бераҳмтар аз Гитлери фашистӣ аст. На раҳм ба кӯдакон дорад, на ба занон ва на ба пиронсолон. Ин бераҳмӣ дар тамоми минтақа бадбиниро алайҳи ин давлати ғасиби яҳудӣ бештар кард ва эҳтимолияти ҷангҳои бештарро дар минтақа ба вуҷуд овард. Бинобар ин, ин ҷанг ҳам ба итмом намерасад, вале бо кӯшишҳои давлатҳои минтақа ва ҷаҳон як даврaи муайян боз дошта мешавад.

- Имрӯзҳо давлатҳои ҷаҳон аксаран ҳалли ҷанги Ховари миёнаро дар ташкили ду давлат дар ҳудуди Фаластин медонанд. Оё СММ ба ташкили давлати Фаластин дар паҳлуи Исроил муваффақ мешавад?

- Тибқи пешгӯии мо, новобаста ба кӯшишҳои давлатҳои ҷаҳон ва масъалагузориҳои ҳарчи бештар дар СММ давлати Фаластин ташкил намешавад. Чунки ба ин на танҳо Исроил, балки Амрико, ки Исроилро чун яке аз иёлоти худ медонад, иҷозат намедиҳад.

- Барои чӣ иҷозат намедиҳад?

- Барои он ки Исроилу Амрико аз ташкили давлати Фаластин дар паҳлуи Исроил сахт метарсанд. Метарсанд, ки агар як давлати пуриқтидор дар ҳамсоягии ин кишвар ташкил шавад, даъвои заминҳои ишғолиро мекунаду хоки Исроилро мебезад. Фаромӯш накунед, ки инқилобҳои давлатҳои арабро маҳз Амрико ташкил карда буд, то дар атрофи Исроил ягон давлати пуриқтидор пайдо нашавад. Ҷангҳои Сурия, Ироқ, Ливан ва табаддулоти Миср мисоли равшани ин гуфтаҳост.

- Оё давлати яҳудӣ барои хатми ҷанге, ки имрӯз бо чунин бераҳмӣ пеш мебарад, ягон гузаште дар соли 2024 ба фаластиниҳо мекунад?

- Давлате, ки ғосиб аст ва дар ҳудуди кишвари бегона ташкил шудааст, ҷуз ғасби минтақаҳои нав, ҳеҷ гузаште наметавонад бикунад. Чунки ғасби ҳудудҳои бегона аз рӯзи ташкили давлати Исроил шиори он буд ва ин шиор куҳна нашудааст. Тибқи пешгӯиҳои мо - экстрасенсҳо, баъд аз Ғазза яҳудиҳо ба Ливан ҳуҷум мекунанд ва кӯшиши ғасби қисме аз кишвари Ливанро то дарёи Литанӣ мекунанд.

- Биёед баргардем ба Тоҷикистон. Дар соли 2024 Тоҷикистонро чӣ навгониҳое интизоранд?

- Нахуст якчанд санаҳои муборак дорем, ки хеле бошукуҳ таҷлил мешаванд. Ба ин аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад, ки соли 2024 аз қабули он 30 сол пур мешавад. Эҳтимол меравад, ки бахшида ба ин санаи муборак як авфи бузург қабул шуда, зиндониёни зиёде аз маҳбасҳо озод шаванд.

- Вобаста ба нарху наво чӣ мегӯед? Дар соли 2024 арзонӣ мешавад ё не?

- Тибқи пешгӯиҳо арзонӣ намешавад, вале то андозае фаровонӣ мешавад. Зеро соли 2024 соли моҳӣ аст. Моҳӣ рамзи серобӣ буда, соли сербориш мешавад. Дарёҳо серобу обанборҳо пур мешаванд. Серобӣ ки шуд, ҳосил хуб мешавад. Ҳосил ки хуб шуд, фаровонӣ мешавад.

- Болоравии маошу нафақа низ дар назар ҳаст?

- Бале, тибқи таҷрибае, ки ҳамасола пеш меравад, эҳтимол дорад дар соли равон низ маош то 15-20 фоиз боло бурда шавад ва нафақа низ.

- Васоити ахбори омма ҳамеша аз кам будани маоши муаллимон ва набудани имтиёзҳо барои эшон менависанд. Оё Вазорати маориф ва илм роҷеъ ба баланд бардоштани маоши муаллимон ва ҷорӣ кардани имтиёзҳои нав ба онҳо ягон тасмиме мегирад?

- Тибқи пешгӯии мо, эҳтимол меравад Қонун “Дар бораи маориф” бозбинӣ шавад ва имтиёзҳои дар доираи ин қонун нишондодашуда, ки дар амал вуҷуд надоранд ва инро ҳатто Вазорати маориф ва илм эътироф мекунад, ё бозбинӣ шаванд, ё аз байн бардошта шаванд. Вобаста ба ин баъзе депутатҳо ҳам аллакай дастбакор шудаанд. Барои муаллимон якчанд сабукиҳо мешавад. Вазорати маориф ва илм аз ҷумла обунаи маҷбуриро ба обунаи ихтиёрӣ табдил медиҳад. Дар мавриди ташхисҳои тиббӣ низ эҳтимол меравад, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баъзе сабукиҳо ба муаллимон дода шавад. Зеро ташхиси тиббӣ, ки муаллим бояд ҳамасола гузарад, ҳоло қариб 200 сомонӣ арзиш дорад ва тибқи ҳисоби мо, бештар аз 30 миллион ба буҷаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фақат аз ҳисоби муаллимон дар соли харгӯш ворид шудааст. Эҳтимол меравад ташхиси тиббии ҳатмиро барои муаллимон ройгон кунанд ва ё маблағи харҷкардаи муаллимонро ҳокимиятҳои маҳаллӣ ҷуброн кунанд.

- Муҳтарам экстрасенс. Чун сухан дар бораи маориф рафт, лутфан бигӯед, ки оё дар соли 2024 деҳаи Бӯстони шаҳри Панҷакент соҳиби мактаб мешавад ё хайр?

- Намехоҳам мардуми ин деҳаро ноумед кунам. Вале тибқи пешгӯии мо дар соли 2024 ва ҳатто 2025 низ деҳаи Бӯстон соҳиби мактаб намешавад. Зеро, агарчи ин деҳа бештар аз 400 нафар хонанда дорад, ҳанӯз замин барои бунёди мактаб надорад. Борҳо барои бунёди мактаби Бӯстон ҳатто сарпарастҳо ҳам пайдо шуданд, вале мактаб бунёд карда натавонистанд. Охир, замин ки набошад, мактаб дар кучо бунёд мешавад? Феълан аз тарафи масъулини шаҳри Панҷакент барои ҷудо кардани замини мактаб ҳатто кӯшише ҳам нашуда истодааст. Ба фикрам, масъалаи замини мактабро раиси нав низ чун раисҳои пешин ба раиси оянда мондани. Шояд раиси ояндаи шаҳр ин масъаларо ҳал кунад. Вале, агар МИҲД-и шаҳри Панҷакент дар соли 2024 барои бунёди мактаб дар Бӯстон замин ҷудо кунад, бо боварӣ гуфта метавонем, ки то 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бӯстон соҳиби мактаб мешавад.

Вале як пешгӯии хушнудкунанда барои сокинони деҳаи Бӯстон дорем.

- Чӣ хушнудӣ?

- Соли 2024 ба деҳаи Бӯстон об меояд, об! Бӯстон аз ҳисоби захматҳои сокинони худаш соҳиби оби нӯшиданӣ мешавад.

- Боз чӣ пешгӯиҳое доред?

- Навгонии аз ҳама муҳим дар соли нав он аст, ки бори нахуст ширкатҳои суғуртавӣ дар назди суғуртакунандагон масъулияти бештар эҳсос карда, ҷуброни ба нақлиёти шахсӣ расидаро пурра ҷуброн мекунанд. Минбаъд ронандагоне, ки ба садама роҳ медиҳанд, мошинҳояшон на аз ҳисоби худашон, балки аз ҳисоби ширкатҳои суғуртавӣ пурра таъмир мешавад. Инчунин, дар соли 2024 мавқеи футболи тоҷик дар сатҳи ҷаҳон боло меравад. Заминҳои беоб дар соли нав бо насосҳои обкашӣ сероб мешаванд. Ҳосилнокии ғалладона афзоиш меёбад. Нархи сӯзишворӣ, нархи хизмати алтернативӣ, хизматрасонии Маркази миллии тестӣ низ дар соли моҳӣ каме гаронтар мешавад.

- Ҷаноби экстрасенс. Ҳама соҳаҳоро пешгӯӣ кардед, вале дар бораи барқ чизе нагуфтед-ку! Оё лимити барқ дар соли 2024 бекор мешавад ё не?

- Ба ин савол ҳатто мо - экстрасенсҳо посух гуфта наметавонем. Чунки ҳалли масъалаи лимитро харгӯш ҳатман ба ихтиёри мор ва мор ба асп мегузорад.

- Ташаккур барои суҳбат!

- Ба шумо низ ташаккур!

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

РУСТАМ ЯТИМОВ ГАРОНАРЗИШТАРИН ДАРВОЗАБОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ШУД



Дарвозабони тими миллии Тоҷикистон ва бошгоҳи футболи «Истиқлол» Рустам Ятимов гаронарзиштарин дарвозабони Осиёи Марказӣ шуд.

Ба иттилои портали Transfermarkt, қимати ин футболбоз 900 ҳазор евро арзёбӣ мешавад. Рустам Ятимов инчунин гаронарзиштарин бозигари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон эътироф шудааст.

Ятимов 25 сол дорад. Ӯ соли 1998 дар Нижний Новгород таваллуд шудааст ва фаъолияти футболи худро дар бошгоҳи ҳамин шаҳр дар чемпионати Русия оғоз кардааст. Аз соли 2018 дар ҳайати «Истиқлол» ва дастаи мунтахаби Тоҷикистон бозӣ менамояд. Дар 35 бозии дастаи мунтахаб ширкат кардааст.

Transfermarkt ҷойи 2-юмро аз рӯи арзиш ба ду дарвозабони Ӯзбекистон - Уткир Юсупов (Қуқанд, 1912) ва Абдувоҳид Неъматов («Насаф», Қаршӣ) додааст. Ҳар кадоми онҳо 700 ҳазор евро баҳогузорӣ мешаванд.

Дарвозабони тими миллии Қазоқистон ва бошгоҳи «Шахтёр» (Қараганда) Игор Шатский 600 ҳазор евро будааст. Беҳтарин дарвозабони Қирғизистон Эрҷон Токотаев, ки дарвозаи бошгоҳи «Шанлиурфаспор»-и Туркияро ҳимоя мекунад, 300 ҳазор евро ва дарвозабони тими миллии Туркманистон Расул Чориев (Аҳал) 175 ҳазор евро арзиш доранд.

ҶОМИ ОСИЁ

ПИРӮЗИИ ДУРАХШОНИ ДУ ТОҶИКИСТОНӢ ДАР МАСКАВ

Дар шаҳри Маскав мусобиқаи ҷамъбастии Лигаи ACA дар соли 2023 баргузор шуд, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон низ ширкат доштанд.

Дар ин мусобиқа Фаридун Одилов (18-2-2) дар раунди сеюм бо нокаути фаннӣ бар Михаил Мохнаткин (15-6) аз Русия пирӯз шуд ва ба финали Гран-прии ACA дар вазни нимасангин роҳ ёфт. Одилови 31-сола набарди охирини худро дар мусобиқаи ACA 161 моҳи августи ҳамин сол гузаронида буд, ки бо роҳи бӯғӣ кардан бар Вагнер Прадо дар раунди дуюм пирӯз шуд.

Тоҷикистонии дигар Анис Ёқубов (8-1) бо роҳи бӯғӣ кардан дар сонияи 25-уми раунди аввал Иброҳим Шоимовро (4-1) аз Ӯзбекистон шикаст дод. Бояд гуфт, ки ҳамаи пирӯзии Ёқубов дар ин лига пеш аз муҳлатанд ва ҳама дар раунди аввал иттифоқ афтодаанд.

Ёқубов моҳи августи ҳамин сол дар ACA 161 бо нокаут кардан дар раунди аввал бар Рустамбек Асилбек пирӯз шуда буд. Анис Ёқубов дар умум 8 пирӯзӣ ба даст оварда, як шикаст дорад.

Набарди Осмихон Раҳмонов муқобили Астемир Нагоев дар ACA 168 лағв карда шуд. Размикори тоҷик мушкили саломатӣ дошт, ки пизишкон ӯро ба набард роҳ надоданд.



РЕЗААХБОР



Варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии бокс байни наврасон, ки дар Бокуи Озарбойҷон баргузор шуд, ду медали тилло ба даст оварданд. Дар ин мусобиқа 97 варзишгари соли таваллудашон 2006-2007 аз 7 кишвар дар 13 вазн сабқат карданд. Аз Тоҷикистон Анӯшервон Фозилов дар вазни -54 кг ва Руслан Ғафуров дар вазни 63,5 кг ғолиби мусобиқа гардиданд. Мансурхӯҷа Муъминов дар вазни -48 кг медали нуқра, Муҳсин Раҳмонов дар вазни -51 кг медали биринчӣ гирифтанд.

***


Федератсияҳои футболи Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ муҳлати ёддошти тафоҳумро тамдид карданд. Созишномаро ноиби якуми президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Хуршед Мирзо ва ноиби президенти Федератсияи футболи Арабистони Саудӣ Ламия Баҳаян имзо карданд. Ҷонибҳо изҳор доштанд, ки хоҳони густариши ҳамкории зич ҳастанд ва ба ҳам комёбӣ таманно карданд.

ТОП 10 ВАРЗИШГАРИ СОЛИ 2023


Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон (АЖРВТ) даҳ варзишгари беҳтарини соли 2023-ро эълон кард. Ба иттилои раиси АЖРВТ Нарзулло Латипов, бар асоси натиҷагирии назархоҳии хабарнигорони варзишӣ ба даҳгонаи беҳтаринҳои сол намояндагони се намуди варзиш - бокс, ҷудо ва кураш дохил шудаанд.



1 **Баҳодур УСМОНОВ (бокс) -** барандаи медали биринҷии қаҳрамонии ҷаҳон дар Тошканд дар вазни то 63,5 кг, ғолиби “Шоми бокс” дар Душанбе.



2 **Сомон МАҲМАДБЕКОВ (ҷудо) -** барандаи медали тиллои Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни то 81 кг, ғолиби “Тоскӯлоҳи бузург” дар Остонаи Қазоқистон ва Гран-при дар Душанбе, барандаи медали биринҷии “Тоскӯлоҳи бузург” дар Тошканд.



3 **Давлат БОЛТАЕВ (бокс) -** барандаи медали тиллои Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни то 92 кг, соҳиби роҳхат ба Олимпиадаи Париж-2024, ғолиби “Шоми бокс” дар Душанбе.



4 **Темур РАҲИМОВ (ҷудо) -** барандаи медали нуқраи Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни +100 кг, ҷоизадори нуқраи «Hungary Masters-2023” дар Будапешти Венгрия, соҳиби медалҳои нуқраи “Тоскӯлоҳи бузург” дар Остонаи Қазоқистон ва Гран-при дар Душанбе.



5 **Миҷгона САМАДОВА (бокс) -** барандаи медали биринҷии Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни то 57 кг, соҳиби аввалин роҳхат ба Олимпиадаи Париж-2024.



6 **Беҳруз ХОҶАЗОДА (ҷудо) -** барандаи медали биринҷии Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни то 73 кг, ҷоизадори нуқраи «Hungary Masters-2023” дар Будапешт, ҷоизадори биринҷии Гран-прии Душанбе.



7 **Хайрандеш МУРОДЗОДА (кураш) -** - барандаи медали биринҷии Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин дар вазни то 66 кг, ҷоизадори биринҷии қаҳрамонии ҷаҳон дар Ашқободи Туркманистон.



8 **Эмомалӣ НУРАЛӢ (ҷудо) -** барандаи медали тиллои “Тоскӯлоҳи бузург” дар вазни то 66 кг дар Тошканд.



9 **Абубакр ШЕРОВ (ҷудо) -** барандаи медали биринҷии қаҳрамонии ҷаҳон миёни ҷавонон дар вазни то 73 кг дар Одивеласи Португалия, соҳиби нишони нуқраи қаҳрамонии Осиё миёни навҷавонон дар Тошканд.



10 **Фариноз АБДУЛЛОЕВА (бокс) -** барандаи медали нуқраи қаҳрамонии ҷаҳон миёни духтарон дар вазни то 52 кг дар Еревани Арманистон, соҳиби медали биринҷии қаҳрамонии Осиё миёни духтарон дар Остонаи Қазоқистон.

ХОНАИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ ДАР КУҶОСТ?



Хонаи Саъдии Шерозӣ - шоири бузурги форсу тоҷик ва муаллифи “Бӯстон”-у “Гулистон” - ду шоҳкории беназири адабиёти ҷаҳонӣ пас аз 700 соли зиндагии ӯ дар маҳаллаи Масҷиди нави шаҳри Шероз кашф шудааст. Дар ин бора хабаргузории “Тасним” иттилоъ медиҳад.



Масъалаи хонаи Саъдӣ дар Эрон баҳсбарангез аст. Беш аз сад сол аст, ки муҳаққиқони эронӣ аз пайи дақиқ кардани манзили зисти шоир ҳастанд. Ҳанӯз 11-уми январи соли 1973 рӯзномаи «Иттилоот»-и Эрон бо интишори матлабе хабар дода буд, ки дар маҳаллаи Масҷиди нав хонае кашф шудааст, ки он мансуб ба Саъдии Шерозӣ аст. Ин рӯзнома навишта буд: «Пас аз ҳафтсад сол хонаи Саъдӣ - шоири ширинсухани Эрон дар яке аз маҳаллоти қадимии Шероз кашф шуд. Аъзои Анҷумани қалам ва конуни дониши порсии Шероз пас аз муддатҳо баррасии чиддӣ муваффақ шуданд манзили маскунии шоири бузург ва номии Эронро пайдо кунанд».

Вале мутахассисон ин масъаларо чиддӣ нагирифтанд, зеро қаблан гуфта мешуд, ки хонаи Шайх Саъдӣ дар маҳаллаи Санги Сиёҳи Шероз аст. Вале ин хонаи валангор миёни мардум ҳамчун “Хонаи Саъдӣ” шуҳрат пайдо кард. Ахиран, расонаҳои эронӣ аз валангор шудани “Хонаи Саъдӣ” бонги хатар заданд. Ҳамин аст, ки муҳаққиқон бори дигар ба таҳқиқи ин хона пардохтанд. Билохира маълум шуд, ки хонаи мазкур манзили зисти Саъдии Шерозӣ будааст.

Далели мансубияти ин хона ба Саъдии Шерозӣ кашфи байте аз Фазил Адибӣ дар яке аз утоқҳои хона аст: «Ҳаштод сол пас аз марги Саъдӣ Фазил Адибӣ дар ин манзил сукуно (зиндагӣ) дошта, як байт шеър бо хати хуш дар гӯшае аз утоқи хеш навиштааст, ки то чанд сол пеш комилан хоно будааст:

Дар ҷойгоҳи Саъдӣ манзил
намудаам ман,
Бо ин ки камтар ҳастам аз
хоки пойи Саъдӣ».

Хонае, ки мансуб ба Саъдии Шерозист, дар маҳаллаи Масҷиди нави шаҳри Шерози Ҷумҳурии Исломии Эрон кашф шуд. Таърихи ин хона ба 700 сол пеш бозмегардад ва дар тӯли ин солҳо қисматҳое аз хона вайрон шудааст, вале шакли асосии он то ҳол боқист. Хонаи мансуб ба Саъдии Шерозӣ ду утоқи панҷдарӣ дар самти шарқӣ ва ғарбӣ дорад ва як панҷара ҳам дар табақаи дувуми самти шимолии он мавҷуд аст, ки ба гуфтаи муҳаққиқон, маҳали кор ва нишасти ин шоири номӣ будааст. Ин панҷара, ки дар атрофи он тоқчаҳои дутабақа мавҷуд аст, ба шакли китобхона тарроҳӣ шуда, дуто сутуни чӯбӣ рӯ ба беруни ҳавлӣ дорад.

Феълан, хонаи Саъдӣ валангор аст. Масъулини мероси фарҳангии шаҳри Шероз ба расонаҳо гуфтаанд, ки молики имрӯзаи хона иҷоза надодааст, ки онро бозсозӣ кунанд. Феълан кӯшишҳои бозсозӣ, тармим ва эҳёи хонаи Саъдӣ дар Шероз ҷараён дорад. Дар сурати аз молики феълӣ харидорӣ шудани хона он макони зиёрати ҳазорон алоқамандони осори Шайх Саъдии Шерозӣ хоҳад шуд.

О. СОҲИБЗОДА



ХОНАИ ШАҲИДӢ ДАР САМАРҚАНД

он ба ворисонаш баргашт



Хонае дар Самарқанд, ки оҳангсози бузурги тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ дар он таваллуд шудаву ба воя расида буд, баъди солҳо ба ворисонаш баргашт. Эҳтимол дар ояндаи наздик дар зодгоҳи оҳангсоз хона-музейи ӯ кушода мешавад.

Зиёдулло Шаҳидӣ 4-уми майи соли 1914 дар Самарқанд таваллуд шудааст. Мактаби №5-и ин шаҳри бостониро хатм карда, сарнавишти хешро ба Тоҷикистон пайваст. Оҳангҳои офаридаи ӯ ба хазинаи тиллоии мусиқии касбии тоҷик ворид шудааст. Пас аз он, ки оҳангсоз ба Душанбе кӯчид, ҳавлии падарии ӯ ба дасти дигар оила гузашт.


Чанд сол қабл писари Зиёдулло Шаҳидӣ - оҳангсози маъруфи тоҷик Толибхон Шаҳидӣ ба Самарқанд омад ва ҳавлии падариашро зиёрат карда, хоҳиши харидани онро кард. Ин хоҳиши падарро писараш Парвиз ҷомаи амал пӯшонид ва ҳавлии бобояшро харидорӣ кард.

Ба қарибӣ дар ин ҳавлӣ, ки симои таърихиашро ҳифз кардааст, маросими ёдбуди Зиёдулло Шаҳидӣ баргузор шуд. Ҳоло маълум нест, ки ворисони оҳангсоз бо ин ҳавлӣ чӣ мекунанд. Мегӯянд, агар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёбанд, эҳтимол дар он хона-музейи Зиёдулло Шаҳидиро боз мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки соли 1989 дар шаҳри Душанбе дар ҳавлии оҳангсоз Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқӣ ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ таъсис ёфт, ки баъдан он мақоми давлатиро гирифт.

Тошпулод РАҲМАТУЛЛОЕВ,
шаҳри Самарқанд







Бобоҷони НУРЗОД

Ниёиш

Зи ту, эй соли нав ҳастам ба хоҳиш,
Бидеҳ бар аҳли ин дунё кушоиш.
Силоҳи ҷангро бишкаста умре,
Ба ҳар инсон бидеҳ дасти навозиш.
Гурусна, ташнаҳои ин ҷаҳонро,
Бидеҳ шодию дур бинмо зи нолиш.
Сафедӣ пош ба сарҳадҳои офоқ,
Ки ваҳдатҳо диҳад бар мо супориш.
Биё, эй соли нав, бо барфи испед,
Бизан табли навозиш бар ниёиш.
Зафар овар ба ҳар як қораи даҳр,
Ки орад рӯ ба фарҳангу ба дониш.
Барои ҳамсафар дар ин замона,
Муҳаббат овару меҳреву созиш.
Дари иқболи ҳар давлат кушода,
Ба ҳар миллат бидеҳ ҷавлону тобиш.
Барои дарки маънии саодат,
Садоқатро биовар бар ҳамоиш.
Ба мақсудаш расон ҳар як умеде,
Ки дил ояд ба эъҷозу таровиш.
Ба ин сайёраи сабз, Тоҷикистон,
Бидеҳ бори дигар базму намоиш.
Шиори шоири тоҷик ба олам,
Ҳамин асту ҳамин аст бо сиголиш.
Аё соли навини чархи гардун,
Туро дар ин ғазал кардам ситоиш!



НАФСРО ҶИЛАВ ЗАНЕД!

Дар Соли нав одатан доштани зимоми нафс душвор аст. Аз як тараф ҳавои сарди зимистон одамро пурхӯр мекунад, аз ҷониби дигар зиёфатҳои пайдарпаю дастурхонҳои пурнозу неъмат касеро бетараф гузошта наметавонанд. Бинобар ин, дар сурати беэҳтиётӣ заҳролуд шудан аз эҳтимол дур нест.

БОЯД ДОНИСТ

Заҳролудшавӣ - ин халалдор шудани кори узвҳои ҳозима, яъне дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, дарунравӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат дар натиҷаи истеъмоли хӯрок ё нӯшокиҳои вайроншуда ба миён меояд.

Мутахассисон заҳролудшавӣ бо маводи ғизоиро ба ду қисми асосӣ - сироятӣ ва ғайрисироятӣ ҷудо кардаанд.

Ба гурӯҳи сироятӣ заҳролудшавӣ ба воситаи микробҳо, вирусҳо ва маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо ба вуҷуд меояд, ки инро навъи заҳролудшавии сирояти токсинии хӯрокӣ (ПТИ) меноманд.

Намуди дуюмиро ғайрисироятӣ ё токсинӣ меноманд. Ин навъи заҳролудшавӣ дар натиҷаи ба воситаи хӯрок ба организм дохил шудани моддаҳои заҳрдори химиявӣ, металлҳои вазнин, заҳрҳо, истеъмоли растаниҳо ё занбурӯғҳои заҳрдор ба вуҷуд меояд. Дар муддати начандон тӯлонӣ, аниқтараш баъди 2-6 соат нишонаҳояш пайдо мешавад.

Барои ҳифзи худ ва наздиконатон дар интихоби маводи ғизоӣ боэҳтиёт бошед.

МАҲСУЛОТИ АЗ ҲАМА ХАТАРНОК, ки инсон метавонад аз онҳо заҳролуд шавад, маҳсулоти ширӣ, тухми мурғ, хусусан тухми хом, маҳсулоти гӯштӣ, анвои моҳӣ, маҳсулоти қаннодии кремдор, консервахои хонагӣ, маҳсулоти тезвайроншаванда, инчунин, меваву сабзавот низ мебошанд.

НИШОНАҲОИ махсуси ин ҳолат таби баланди бадан (аз 37-37,5 дараҷа то 39-40 дараҷа), аз даст додани иштиҳо ва беҳолӣ, дард дар шикам, варами шикам, дилбеҳузурӣ ва қайкунӣ, арақи хунук ва паст шудани фишор мебошад. Дар ҳолатҳои вазнин ё дар натиҷаи таъсири заҳрҳои нейротоксинӣ метавонад ба қувваи босира ва фаъолияти мушакии бемор таъсир расонад. Беморон дар ин ҳолат метавонанд аз ҳуш раванд, гоҳе дар онҳо таваҳҳум (голютсинатсия) ва ҳарзагӯӣ мушоҳида мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки беоб шудани бадан низ метавонад яке аз нишонаҳои ин навъи заҳролудшавӣ бошад. Аз ҳама хатарнок салмонелёз, листериоз ва бутолизм, хусусан барои занони ҳомила, модарони ширдеҳ, кӯдакони хурдсол ва калонсолон мебошад, ки ҳатто ба марг оварда мерасонанд.

ТАБОБТИ ЗАҲРОЛУДШАВӢ чанд марҳаларо дар бар мегирад. Пеш аз ҳама меъда бояд бо маҳлули сода ё марганцовка шуста шавад, то ки об комилан тоза гардад.

Марҳалаи дувум истеъмоли энтеросорбентҳоро дар бар мегирад. Онҳоро бояд пизишк тавсия намояд. Агар заҳролудшавӣ бо халалдор гардидани нафаскашӣ, сустӣ ва заъф дар мушакҳо, ҳарорати баланд ва дарунравии сахт ҳамроҳ бошад, фавран бояд ба мутахассис мурочиат кард. Занони ҳомила ва кӯдакон низ дар ҳолати заҳролудшавӣ бояд ба мутахассис мурочиат кунанд.

ТАВСИЯ медиҳем, ки дар рӯзҳои таҷлили Соли нав эҳтиёткор бошед. Агар нисбати хӯрок дар дилатон шубҳае пайдо шавад, аз хӯрдани он даст кашед.

Толеъномаи сол



Муш

(1912, 1924, 1936, 1948, 1960, 1972, 1984, 1996, 2008, 2020)

Нафароне, ки дар соли муш таваллид ёфтаанд, соли 2024 пулдор мешаванд. Муҳим он аст, ки пулҳои худро дуруст сарф карда, ба харочоти бехуда рох надиҳед. Иродаи қавиятон муҷиби пешравиҳои зиёд гардида, натиҷаи заҳматҳои худро мебинед. Қарорҳои дар ин сол кашидаатон ба сарнавишти шумо бетаъсир намемонанд.



Паланг

(1914, 1926, 1938, 1950, 1962, 1974, 1986, 1998, 2010, 2022)

Зодагони соли палангро лозим аст берун шудан аз ҳолатҳои изтиробомезеро, ки садди роҳи расидан ба орзуҳояшон мегарданд, омӯзанд. Дар соли нав гоҳе мурғи иқбол ба китфатон мешинаду гоҳи дигар ноумедатон мекунад. Ҳар ғалату камбудии худро дурандешона қабул карданатон лозим аст. Танҳо дар ҳамин сурат муваффақ мегардед.ф



Наҳанг

(1916, 1928, 1940, 1952, 1964, 1976, 1988, 2000, 2012, 2024)

Бо вуҷуди он ки имсол соли наҳанг аст, хушёриро аз даст надиҳед. Ҳамеша ба вазъиятҳои фавқулода омода бошед. Якравӣ ва ғурури нозарурро аз худ дур созеду нисбати атрофиён меҳрубон бошед. Маҳз бо шарофати раҳмдилӣ ва ғамхорӣ нисбати дигарон дар ҳама кор бахту барор насибатон мегардад.



Асп

(1918, 1930, 1942, 1954, 1966, 1978, 1990, 2002, 2014, 2026)

Соли 2024 зодагони соли аспро лозим аст, ки чӣ гуна сипарӣ намудани вақти худро ба нақша гиранд. Бо корҳое, ки ба шумо ягон манфиату фоида намеоранд, машғул нашавед. Табъи дили худ амал намуда, орзуҳои худро канор нагузоред, танҳо дар ҳамин ҳолат аз вақти зоеъ рафта пушаймон намешавед.



Ҳамдуна

(1920, 1932, 1944, 1956, 1968, 1980, 1992, 2004, 2016, 2028)

Соли нав барои зодагони соли ҳамдуна каме душвор бошад ҳам, бо устувориву матонат ҳама мушкилиҳоро рафъ месозед. Ба нобарориҳо сар нафароред. Ҳамеша ва дар ҳама кор ба худ эътимод дошта бошед. Барои он ки дигарон ба қобилиятҳои беназири шумо қоил шаванд, сараввал ба ҷасорат доштани худ бовар ҳосил намоед.



Саг

(1922, 1934, 1946, 1958, 1970, 1982, 1994, 2006, 2018, 2030)

Барои афроде, ки дар соли саг таваллид ёфтаанд, соли наҳанг оромиву субот меорад. Акнун метавонед ғаму мушкилиҳои ба саратон омадаро фаромӯш созед. Вақти худро ба коре сарф кунед, ки шуморо хушҳол месозаду нерӯ мебахшад. Дар соли нав шиносоиҳои гувороро интизор бошед.



Бақар

(1913, 1925, 1937, 1949, 1961, 1973, 1985, 1997, 2009, 2021)

Дар соли нав ҳар он чизеро, ки дилатон мехоҳад, бе ягон кӯшишу талоши зиёд ба даст меоред. Ҳам дар ҷодаи муҳаббату ҳам дар касбу кор муваффақият насибатон мегардад. Ягона амале, ки дар соли нав саломатиатонро мустаҳкам месозад, ин нигоҳ доштани оромӣ ва ба фишори рухӣ гирифтор нашудан аст.



Харгӯш

(1915, 1927, 1939, 1951, 1963, 1975, 1987, 1999, 2011, 2023)

Агар дар соли харгӯш таваллуд шуда бошед, ҳамеша ва дар ҳама кор ба таваккал кардан омода бошед. Барои ин ҷасоратро аз даст надиҳед. Давоми сол бо сабабҳои гуногун чандин маротиба нақшаҳоятон тағйир меёбанд. Барои беҳтар гаштани вазъи зиндагиятон бештар омӯзеду камбудиҳои худро ислоҳ намоед.



Мор

(1917, 1929, 1941, 1953, 1965, 1977, 1989, 2001, 2013, 2025)

Чӣ гуна сипарӣ гаштани сол танҳо аз худатон вобастагӣ дорад. Барои он ки бахту барор аз шумо нагурезад, нигоҳи худро ба зиндагӣ тағйир диҳед. Аз тағйироте, ки дар зиндагиатон рух медиҳад, натарсед. Бехтараш ба ҳама гуна навгонӣ созиш карданро омӯзед.



Гӯсфанд

(1919, 1931, 1943, 1955, 1967, 1979, 1991, 2003, 2015, 2027)

Соли 2024 ба шумову хонадонатон бахту барор ва файзу баракат меорад. Тамоми кӯшишу талошҳоятон билохира натиҷа медиҳанд, аксари орзуҳоятон амалӣ мешаванд. Бар ивази сабру таҳаммул туҳфаҳои тақдир насибатон мегардад. Нобарориҳои ба саратон омада муваққатиянд.



Мурғ

(1921, 1933, 1945, 1957, 1969, 1981, 1993, 2005, 2017, 2029)

Барои зодагони соли мурғ соли наҳанг бобарор меояд. Фаъолияти худро дигар намоед, забон омӯзед, касб аз худ намоед, дар ин сол бахту барор ҳамсафари шумо аст. Дар касбу кор ва таҳсил тағйироти мусбатро интизор шавед, вале барои ҳаёти шахсӣ низ вақт ҷудо карданро фаромӯш насозед.




Хубон

(1923, 1935, 1947, 1959, 1971, 1983, 1995, 2007, 2019, 2031)

Соли 2024 дар касбу кор, муносибатҳои ошиқона, рушди шахсият имкониятҳои зиёд пайдо мекунед. Орзуву ниятҳои чандинсолаатон амалӣ мешаванд. Аз имкониятҳое, ки тақдир фароҳам меорад ва аз кумаки наздикон рӯ натобед. Ҳамеша нияти нек кунед ва бахту барор насибатон мегардад.

ЯК СОЯДАСТИ БОЗОР СОБИР

Он солҳо ҳамзамон бо таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар Палатаи давлатии китоби ҷумҳурӣ (ҳоло Хонаи китоби Тоҷикистон) фаъолият мекардам. Номи устодон Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон вирди забони мо, донишҷӯён буду орзуи дидори ишонро дар дил мепарваридем.



Дилбастагии ман ба ашъори устод Бозор Собир бештар буду аз осорашон шеърҳои зиёдро азёд медонистам ва ҳатто ба тарзи шеърхонии он кас тақлид ҳам мекардам. Инро дӯстонам медонистанду рӯзи таваллудам як ҳамсабақам муқоваи китоби "Оташбарг"-и устодро, ки бо хати ниёкон тоза ба нашр расида буд, бахмалпӯш намуда, бароям тақдим кард. Хеле шод шудам аз ин меҳрубонӣ. Умед доштам, ки рӯзе устодро мебинаму бо пешниҳоди китоби мавриди назар соядаст мегирам. Тасаввур мекардам, ки бо дидани китобашон ба ин сурат ҳай хушҳол мешаванд. Билохира, он рӯз ҳам фаро расид. Аз корхона барои ҳавогирӣ баромада, ғайриинтизор устодро дидам, ки ғарқи дарёи андеша бо ҳамон салобату шукуҳ сӯйи коргоҳи мо меоянд. Дар ҳаяҷон афтодам. Чун наздиктар омаданд, худро ба даст гирифта, салом додам. Саломамро посух доданду вазири вақти матбуот ва иттилоот Бобохон Маҳмадовро пурсиданд. Гуфтам, ки он кас дар ошёнаи дуюми қаноти чапи бино менишинанд ва устодро то дари даромад роҳнамоӣ кардам. Онҳо боло рафтанд ва ман шитобон ба дафтари корӣ баргаштам, то китоби бахмалинро бо худ бигираму соҳиби соядаст шавам. Ҳамчунон саросема худро ба берун задам, ки мабодо фурсати муяссаршударо аз даст бидиҳам. Берун омадани шоири маҳбубамро интизор шудам. Омаданд. Давида ба наздашон рафтам ва хостам китобро пешниҳод намоям. Ғайриинтизор дубора матлабашонро пеш оварда, кучо будани дафтари кори вазирро пурсиданд. Ҳайрон мондам. Чун посух додам, пас гаштанду аз нав дохили бино рафтанд. Боз ман мондаму домани интизорӣ. Бо гузашти фурсате берун омаданд. Наздиктар рафтаму аз ишон хоҳиш кардам:

– Устод, бароям соядаст менавиштед.

Китобро аз дастам гирифтанд. Гумон мекардам, ки бо дидани муқоваи бахмалпӯш табъашон болида мегардад. Саробро об пиндошта будам. Шояд агар дигар шоир китобашро ба чунин сурат медид, хушҳол мешуд, мегуфт, ки "о ҳо, китоби маро ин қадар зебо кардед", аммо устод Бозор Собир аз ин шумор набуда. Ҳамингуна табиату ғурур доштаанд. Инро баъд дарк кардам. Бидуни он, ки заррае ба муқова таваҷҷуҳ бикунанд, чӣ ном доштанамро пурсиданд. Сипас лаҳзае ба андеша рафтанд ва баъдан муқоваро боз карда, чанд ҳарфе паси ҳам чиданд. Чун китобро баргашта ба дастам доданду хайрухуш намудем, беқарор шудам, мехостам ҳарчи зудтар бидонам, ки устод бароям чӣ таманно кардаанд. Дидам, ки бо хати зебои ниёкон навиштаанд:

"Барои Сирочиддини азиз:
Ҳар ҷо ки меравӣ, ба дуо
месупорамат,
Ҳар ҷо ки меравӣ, ба Худо
месупорамат.
Бо эҳтиром Бозор Собир.
Зимистони соли 1991".

Ин ягона соядасте аст, ки аз устод дар даст дорам. Аз миён беш аз сӣ сол сипарӣ шуда бошад ҳам, "Оташбарг" ҳанӯз ҳам дар баландтарин тоқи ҷевони китобҳоям қарор дорад. Азизаш медорам.

Сироҷиддин ИКРОМӢ,
адиб

Мавлудномa

• 28 ДЕКАБР •

Расул Олимҷонов (1928), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Фозилҷон Охунов (1948), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Раҳими Рофеъзод (1928-2016), 65-солагии зодрӯзи нависанда.

Саломатшо Сабоиев (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Қамариддин Шамсиев (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Ғаффурҷон Яҳёев (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

• 29 ДЕКАБР •

Фазлиддин Абдураҳимов (1928), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Алберт Серобян (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

• 30 ДЕКАБР •

Абдушукур Ғаффоров (1968), 55-солагии зодрӯзи забоншинос.

Муртазо Зайниддинов (1958), 65-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Ғоиб Камолов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Мизроб Ҳусейнов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

• 31 ДЕКАБР •

Бобоҷон Ғафуров (1908-1977), 115-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, доктори илми таърих, академики АМИТ, академики АИ СССР, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Назир Амирхонов (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Барот Раҳматов (1923), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Рустамбек Юсуфбеков (1923-2007), 100-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

ОЛИМИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ АКАДЕМИК ИНТИХОБ ШУД




Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Назирҷон Турсунзода (Турсунов) академики Академияи илмҳои табии Русия (РАЕН) интихоб гардид.

Назирҷон Турсунзода давоми зиёда аз шаст соли фаъолияти илмӣ-педагогии худ дар рушди илми таърихнигории тоҷик ва омода кардани кадрҳои илмӣ нақши калон гузоштаанд. То имрӯз таҳти роҳбарии Н. Турсунзода 2 нафар рисолаи докторӣ ва 6 нафар рисолаи номзадии худро дифоъ намудаанд.

Н. Турсунзода муаррих ва мардумшиноси маъруфи тоҷик буда, ба қалами ӯ 18 монография, зиёда аз 500 мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ва дастурҳои таълимӣ мансуб аст. "Из истории городского ремесла Сев. Таджикистана" (Д.,1974), "Шаҳри офтобӣ" (Д., 1989), "Развитие городских и сельских поселений Сев. Таджикистана в ЧVIII-начале ЧЧв." (Д., 1991), "Истаравшан: (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ)" (Д.,1992), "Асосҳои этнологияи тоҷик" (Хуҷанд, 1993), "Таърихи тоҷикон" (Хуҷанд, 2001), "Таърихи халқи тоҷик" (Хуҷанд, 2017) асарҳои бунёдии ӯ мебошанд.

С. САИДОВ



ДИПЛОМИ ШЕКСПИР БА АДАБИЁТШИНОСИ ТОҶИК



Иттиҳодияи умумиҷаҳонии нависандагон, ки марказаш дар шаҳри Мюнхени Олмон қарор дорад, бо пешниҳоди Шӯрои ҳайати таҳририяи тазкираи адабиёти муосири халқҳои ИДМ ба адабиётшиноси маъруфи тоҷик Абдураҳмон Абдуманнонов Дипломи байналмилалии ба номи Шекспирро сазовор донист.

Дипломи мазкур бо имзои президенти ин иттиҳодия Лио Гимелзон ба адиби тоҷик, роҳбари Маркази тарҷумаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои иштироки фаъолона дар таҳия ва таҳрири тазкираи сеҷилдаи адабиёти муосири халқҳои ИДМ дода шудааст.

Дар дипломи мазкур омадааст, ки Иттиҳодияи умумиҷаҳонии нависандагон шарики ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО дар маҳфилҳои Муниш ва Мюнхен мебошад, ки қитъаҳои Аврупо, Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Осиё, Африқо, Австралия ва Антарктидаро фаро мегирад.

Бори аввал аст, ки адиби тоҷик бо чунин дипломи сатҳи баланд мукофотонида мешавад. Сазовор гардидан ба чунин ҷоизаи шоистаро, ки ҳосили заҳматҳои сазовори эҷодии ӯст, ба устод Абдураҳмон Абдуманнонов муборақбод мегӯем!

Камол НАСРУЛЛО



Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлии фурӯшӣ, 20 сот. замин, ноҳияи Панҷ, к/к Совет, Қутбидин. Тел.: 98-101-72-05

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Баротов Абдугафор, РЯМ: 0730173217, РМА: 165146693, ки аз 30.04.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 №А005979 ба номи Бадалов Равшан Азамович, ки санаи 25.06.1987 аз ҷониби МТМУ №45-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТА №0583617 ба номи Мирзошарипов Бахтиёр Мирзоалиевич, ки санаи 02.07.2017 аз ҷониби МТМУ №56-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Улчаева Дилбар, РЯМ: 0730226494, РМА: 076275196, ки аз 15.01.2023 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши литери 12А2/хп-и хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-1558, ки аз 08.06.2020 ба номи Рахимов Бахтиёр Бошмонович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта, дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 8, №391996, ба номи Назарова Сарвиноз Чигитовна, ки соли 1989 аз ҷониби МТМУ №88-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, рақами қайд №1239, ба номи Бобокалонов Тохир, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, б 17, соли соли 1997, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) ҶДММ "Лотос", рақами ДНХ 310010516, рақами барномавӣ 00034370, РМА: 030021020, РЯМ: 0310010516, аз санаи 20.06.2013, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии деҳқонӣ ба номи "Муборак", ки ба шаҳрванд Шомардов Минҳоҷидин Ривоҷович, №010455, бо суроғаи ноҳияи Тоҷикобод, ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об таалluқ дорад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи №77 аз таърихи 07.01.2021, 58.8 м.м., ошёнаи 2, В/2-блок, байни ҶДММ "Себистон-2018" ва Катаматаева Садаф Сулаймоновна, маҳаллаи Лучоб, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Яҳьёев Муҳаммадҷон, РЯМ: 02300763734, РМА: 025530401, ки соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ аз 16.09.2020 ва иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ ба номи ҶДММ "Ҷамоли Душанбе", рақами кадастри 68-003-000524-04-615 бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, хиёбони Зарафшон, бинои 22/3, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома дар бораи мерос таҳти феҳристи №5К-2146 аз 14.03.2004, ба номи Саидакрамов Маҳкам Мамасаидович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти шаҳраки Турсунзода, деҳаи Румӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Кофарниҳон (ҳозира шаҳри Ваҳдат) аз 12-уми июли соли 2002, таҳти феҳрасти №1ДС-310 ба номи Сиҷоатов Убайд Қудратович нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, шаҳраки Наврӯз, бинои 27, хонаи 20 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 8, квартираи 15 ба номи шаҳрванд Исокова Хидоят Солиховна дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 22.12.2020 таҳти феҳрасти 1Ш_1517, ки аз тарафи Саридораи нотариали давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии қитъаи замини бӯстонсаро, реестри №1362, ба номи Нарзиева Мавҷуда Нозимовна, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа, кӯчаи Чайка, соли 2008, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 9Д-4222, ки аз санаи 16.10.1992 дар Идораи нотариалии 1-уми ш. Душанбе ба номи Ходжамов Хуршед Мусурмонович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 1 гузаргоҳи Бинокорон, хонаи 6, квартираи 25 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1847, ки аз санаи 28.10.2010 дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ, ш. Душанбе, ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 111, квартираи 48 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0095618, рақами қайд №556, ки аз 03.07.2015 ба номи Ғафурова Манижа Тағоймуродовна, аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патент ба номи Урсунов Хасан, РМА: 075717760, РЯМ: 0730181751, санаи таъсисёбӣ 31.07.2018, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Амин Абдуллоҳ", РЯМ: 0710011354, РМА: 070018405, аз 16.09.2022 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Зарина 2010", РЯМ: 0710005313, РМА: 070011928, аз 26.06.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 15328/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 January 2024 NY time.**
- **Project Manager/Youth Empowerment, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 15282/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 January 2024 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Ноҳияи Панҷ:

ДАР БЕМОРХОНАИ МАРКАЗӢ ҲАМА ШАРОИТҲО ХУБАНД

Дар Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон шароити ташхису табобат беҳтар гардидааст. Феълан беморхона бо таҷҳизоти муосиру пешрафтаи тиббӣ ҷиҳозонида шудааст ва табибони дорои донишу малакаи зиёд ба сокинон хизмати босифати тиббӣ мерасонанд.



Муҳаммадӣ Самиев, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ



Муҳаммадӣ Самиев, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ дар суҳбат бо рӯзномаи “Тоҷикистон” гуфт, ки бо таваҷҷуҳи ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ шароит беҳтар шудааст. Ӯ мегӯяд, Беморхона дорои шароити хуби бистарисозии беморон буда, бо таҷҳизоти муосиру зарурии тиббӣ таъмин аст, ки ин албатта, дар нигаҳдории сиҳатии сокинон нақши калидӣ мебозад.

Ба таъкиди вай, беморхона дорои 13 шуъба ва беш аз 280 кати хоб барои беморон мебошад. Барои дастрасии саривақтии аҳолӣ ба хизматрасонии беҳтари тиббӣ дар тобеияти беморхонаи марказӣ чор Беморхонаи рақамӣ, Беморхонаи сил ва таваллудхонаи ҷамоати деҳоти Нури Ваҳдат мавҷуд мебошад. Ин муассисаҳои табобатӣ наздик ба 150 кат барои бистарикунонии беморон доранд.

“Дар 11 моҳи соли равон дар шуъбаи қабул 4 ҳазору 962 нафар ба қайд гирифта шуд. Ба беш аз 2 ҳазору 90 муроҷиаткунанда ёрии аввалияи тиббӣ расонида шудааст. Боқимондаро барои пурра барқарор гардидани саломатӣ дар беморхона бистарӣ карданд”,- мегӯяд ӯ.



Муҳаммадӣ Самиев афзуд, ки шуъбаи ҷарроҳии беморхона бошад, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз буда, шароити хуби корӣ барои табибон таъмин аст. Ба таъкиди вай, танҳо шуъбаи ҷарроҳӣ дорои 60 кати хоб барои беморон аст. Дар ёздаҳ моҳи соли равон 992 нафар дар шуъбаи мавриди назар бистарӣ гардида, 839 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шудааст, ки 616 амалиёти фаврии ҷарроҳӣ ва боқимонда ҷарроҳии нақшавӣ мебошанд.

Дар шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказӣ назар ба солҳои қаблӣ шароит беҳтар аст. Феълан шуъба 75 кат барои бистарикунонии беморон дорад. Барои солимии модару кӯдак ва пешгирӣ аз фавти онҳо табибон дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот аз давраи ҳомилагӣ то таваллуд занони ҳомиларо таҳти назорати ҷиддӣ қарор медиҳанд. Давоми сол дар шуъбаи таваллуд 3 ҳазору 519 нафар бистарӣ карда шудаанд, ки беш аз 3 ҳазору 170 нафар барои таваллуд хобонида шудаанд.

Шуъбаи бемориҳои сироятии кӯдакона ва калонсолони Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ дорои 110 кати хоб аст. Дар ин шуъба дар ёздаҳ моҳи соли равон барои табобат 885 нафар бистарӣ карда шудаанд. Бо дастрас кардани таҷҳизоти муосири тиббӣ шароити табобати беморон дар шуъбаи бемориҳои сироятӣ нисбатан беҳтар гардидааст.

Дар шуъбаи таҳлилгоҳ дар маҷмуъ 24 ҳазору 728 таҳлили лабораторӣ гузаронида шудааст. Феълан ин шуъба бо муосиртарин таҷҳизоти тиббӣ ҷиҳозонида шудааст, ки дар сари вақт муайян кардани бемории мурочиаткунандагон ва табобати дурусти онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамчунин беморхона дорои ҳуҷраи аксбардории рентгенӣ, ҳуҷраи ултрасадои рақами 1 ва 2 мебошад. Бо ворид кардани ин гуна таҷҳизот сифати хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияи Панҷ беҳтар гардид.

Баъди дастуру супоришҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳолати ҳуҷраи хатна хеле беҳтар карда шуд. Дар ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ дар ҳуҷраи мавриди назар табибони соҳибтаҷрибаи беморхона зиёда аз 10 ҳазор амалиёти муваффақонаи хатна гузаронидаанд. Ин нишондод нисбат ба солҳои қаблӣ хеле зиёд аст.

Муҳаммадӣ Самиев, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ мегӯяд, ки дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот чор беморхонаи рақамӣ ба сокинон хизмати тиббӣ мерасонанд. Ба гуфтаи вай, дар ин беморхонаҳо барои бистарикунонии беморон дар умум 120 кати хоб ҷойгир аст. “Хоҳишмандон метавонанд дар ҳамин беморхонаҳо табобат ва бистарӣ шаванд. Барои таваллуди занони ҳомила низ шароит муҳайё карда шудааст. Дар ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ дар беморхонаҳои рақамӣ 243 бемор бистарӣ карда шудаанд”,- гуфт ӯ.

Муҳаммадӣ Самиев, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ афзуд, ки бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шароити табобати беморон хеле беҳтар гардидааст. Беморхона бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин буда, табибони донишманду соҳибтаҷриба ба кор ҷалб шудаанд. Ҳоло дар беморхона ҳама гуна беморон бистарӣ ва табобат мешаванд. Қариб ки ҳоҷат барои бурдани беморон ба беморхонаҳои дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар вуҷуд надорад.

Машраби АЛОВИДДИН



Лӯлакабоб

Тарабхона. Соли нав. Шаб аз нисф гузаштааст. Мизоҷе бо садои баланд:

- Пешхизмат, ин чӣ хел лӯлакабоб аст, ки ту барои ман овардӣ? Ним соат мешавад, ки ман онро бурида наметавонам.

Пешхизмат:

- Ако, шумо шитоб накунед, имшаб мо тарабхонаро соати 7-и саҳар маҳкам мекунем.

Орзуи солинавӣ

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Дар соли нав чӣ орзу кардӣ?

Шавҳар мегӯяд:

- Муваффақияти бештар.

Зан мегӯяд:

- Яъне, ту дар соли нав мехоҳӣ дар диван бо муваффақияти бештар ғел занӣ?

Нақша

Марде ба дӯсташ, ки дар муҳоҷират қарор дорад, занг зада, мепурсад:

- Салим, дӯстам, дар соли нав чӣ нақшаҳо дорӣ?

Салим мегӯяд:



- Нақшаҳои наполеонӣ, дӯстам!

Мард мегӯяд:

- Фаҳмо. Яъне, ту билохира аз Русия гурехтан мехоҳӣ?

Суроға

Рӯзи 3-юми январ зан аз шавҳараш, ки се рӯз дар хона набуд, мепурсад:

- Ту дар кучо будӣ?

- Дар хонаи ҳамкурсонам,- посух медиҳад мард.

- Се рӯз?,- мепурсад зан.

- Ҳа, мо ба хотир овардем,- мегӯяд мард.

- Чиро ба хотир овардед?,- ҳайрон мешавад зан.

- Суроғаи хонаамонро!,- мегӯяд мард.

Дер шуд

Шаби соли нав ба Юлдошбой як пиёла об доданд ва баъд аз хӯрдан гуфтанд, ки ин арақ буд. Пас аз чанд лаҳза диданд, ки Юлдошбой маст шудааст.

Гуфтанд:

- Мо шӯхӣ кардем, арақ набуд, об буд.

Юлдошбой гуфт:

- Акнун чизе буду набуд, дер шуд, маро маст кард.

Хона

Марде рӯзи соли нав барои тамошо аз деҳа ба пойтахт омада, хонаҳои баландошёнаро мебинаду ҳушаш меканад. Рӯзи дигар ба деҳа омада, мардумро гирдаш ҷамъ карда, мегӯяд:

- Эй мардум, шумо барои 2 сотих замин шуда, одамкушӣ мекунед, ба Душанбе равед, хонаҳо тал задагӣ!

Туҳфа

- Ана, ба ту туҳфаи солинавӣ,- мегӯяд падар ба писараш сеторро дароз карда.

- Раҳмат,- қаноатмандона мегӯяд писар,- о, дада, барои чӣ торҳояш нест?

- Ҳама кор якбора намешавад-да, бачем, аввал ту навохтанашро ёд гир, баъд торҳояшро мехарем.

Таҳияи
Н. РАҶАБОВА

Сканворд





Ин ҷо "Тоҷикистон" нест!

Пеш аз соли нав ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои ба номи С. Улуғзода барои супоридани ҳуҷҷатҳо рафтем. Корманди донишгоҳ ҳуҷҷатҳои чиянро ба бахши ғоибона қабул карда, гуфт:

-Аз 2-юми январ дарсҳо сар мешаванд. Лутфан дер накунед.

-Мешавад, ки чияни ман аз дуюм неву аз даҳуми январ ба дарс ояд?, - пурсидам ман.

Ӯ ба шӯхиҳои ман дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ишора карда, бо ханда гуфт:

-Инҷо барои шумо "Тоҷикистон" нест!

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

Мучалатро иваз намо!

Корафтодае назди Тоҷиддин Солеҳов даромада, арз мекунад:

- Акаҷон, аз бонк кредит мегирам. Ба ҳамин ҳуҷҷатҳо як имзои муборакатро мегузоштӣ...

- Мучалат кадом додар, мучалат чист?

- Харгӯш,- ҷавоб медиҳад мизоҷ.

- Кредитро чӣ кор мекунӣ?

- Бизнес мекунам ака, бизнес.

- Не додар, ман имзо намекунам.

- Барои чӣ?

- Мучалат мувофиқ нест. Агар наҳанг, паланг, бақар ё хук мебудӣ, имзо мекардам.

- Нафаҳмидам, ака.

- Чиро нафаҳмидӣ? Харгӯш бизнес карда наметавонад.

- Чӣ кор кунам, акаҷон?

- Мучалатро иваз карда, баъд биё!

Раҷаб САИДӢ